ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРИ НОРАК БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

**Душанбе - 2015**

# МУНДАРИЧА


**Рӯйхати ихтисорот ..........................................................................................**

**Пешгуфтор ........................................................................................................**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ НОРАК .......................................**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ..............................................................................**
2.1 Соҳаи саноат. ........................................................................................................
2.2. Соҳаи кишоварзӣ...................................................................................................
2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна ............................................................................
2.4. Сохтмон...................................................................................................................

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ .................................................................................**
3.1. Соҳаи маориф ........................................................................................................
3.2. Соҳаи тандурустӣ ..................................................................................................
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ............................................................................................
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат .....................................................................................
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш....................................................................................................

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ............................................................................**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ....................................................
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ..........................................................................................
4.4. Таъмини барқ ва газ ...............................................................................................
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ .....................................................................................

**БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА,**
**ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО .................**

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТ БО МАБЛАҒҲОИ ЗАРУРӢ .................................**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ......................................**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди шаҳри Норак аз рӯи соҳаҳо..................**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АСМ | Агентии сохтмон ва меъморӣ |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| БМН | Беморхони маркази ноҳия |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГК | Гуруҳҳоикории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Пахлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |

| | |
|---|---|
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

***Биниши шаҳри Норак***
***(Тасаввуроти ояндаи шаҳр бо***
***назардошти иқтидорҳои мавҷуда)***

*Норак шаҳри энергетикӣ ва тавлидкунандаи асосии нерӯи барқ, дорои калонтарин обанбор ва табиати зебою дилангез дар кишвар буда, дар он соҳаҳои сайёҳӣ ва варзиш инкишоф ёфта, муҳити тозаи беҳдошти зиндагӣ ҳукмфармост. Барои рушди соҳибкорӣ ва ба роҳ мондани корхонаҳои хурду миёна тавассути захираҳои табиии мавҷуда тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Дар шаҳр мардуми гуногунмиллат ва аз ҷиҳати ақлониву зеҳнӣ ташаккулёфта истиқомат дошта, марказҳои фарҳангиву таърихӣ, инфрасохтори навин, хизматрасонии замонавии иҷтимоӣ бо кадрҳои баландихтисос фаъолият мекунанд.*

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Норак барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барнома) дар заминаи“Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12.01.2009 №1/3 маъқул дониста шудааст) бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ аз тарафи гуруҳи кории шаҳри Норак дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устуворонаи иҷтимоию иқтисодӣ ин беҳтар сохтани сифати зиндагӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолии шаҳр мебошад, ки он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ ҳамчун натиҷаи болоравии боздеҳи захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст. Ҳамзамон, Барномаи мазкур барои ноил шудан ба се мақсади стратегии зерин замина мегузорад:

- *Муҳайё намудани фазои мусоид барои соҳибкорӣ (бизнес);*
- *Ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ;*
- *Беҳшавии муҳити иҷтимоӣ.*

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи шаҳр чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ дар назар дошта шудааст. Воқеан, ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр тамоми имкониятҳо истифода мегарданд. Рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр барои солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

Барномаи рушди шаҳр 167 лоиҳаро бо маблағи 822,6 млн. сомонӣ дар бар мегирад, ки аз ин 47 лоиҳа он ба маблағи 338,1 миллион сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 63 лоиҳа бо маблағи 256,0 миллион сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 52 лоиҳа бо маблағи 227,8 миллион сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 2 лоиҳа ба ҳолатҳои фавқулодда бо маблағи 0,6 миллион сомонӣ ва 3 лоиҳа бо маблағи 0,08 миллион сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Ҷадвали 1*

**_Тақсимоти_**

**_маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Норак барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)_**

| *Соҳаҳо* | *Ҳамагӣ* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Саноат* | 109900 | 53500 | 30050 | 950 | 12800 | 12600 |
| *Кишоварзӣ* | *6436* | *240* | *1460* | *1780* | *1466* | *1490* |
| *СХМ* | *45835* | *8300* | *20189* | *14052* | *3294* | |
| *Сохтмон* | *175900* | *1900* | *2400* | *57500* | *58100* | *56000* |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | ***338071*** | ***63940*** | ***54099*** | ***74282*** | ***75660*** | ***70090*** |
| *Маориф* | *127284* | *31974* | *42682* | *18996* | *17896* | *15736* |
| *Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | *5291,8* | | *815,4* | *2196* | *2000,4* | *280* |
| *Фарҳанг ва фароғат* | *64513,4* | *2375* | *29588,4* | *30000* | *2550* | |
| *Сайёҳӣ ва варзиш* | *58913,5* | *563,5* | *9590* | *3620* | *70* | *20070* |
| ***Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ*** | ***256002,7*** | ***34912,5*** | ***82675,8*** | ***54812*** | ***22516,4*** | ***36086*** |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)* | *87552,7* | *25280* | *36777* | *7947* | *8188,1* | *9360,6* |
| *Нақлиёт ва роҳҳо* | *134520* | *2952* | *3240* | *50928* | *38900* | *38500* |
| *Таъминоти барқ* | *5540* | | *635* | *1185* | *1650* | *2070* |
| *Алоқа ва фазои иттилоотӣ* | *200* | | *50* | *150* | | |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | ***227812,7*** | ***28232*** | ***40702*** | ***60210*** | ***48738,1*** | ***49930,6*** |
| *ҲФ* | *650* | *320* | *330* | | | |
| *Таъминоти захиравӣ* | *80* | *20* | *20* | *20* | *10* | *10* |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРШ*** | *822616,4* | *127424,5* | *177826,8* | *189324* | *146925* | *156116,6* |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | *16446* | *250* | *5250* | *5250* | *3896* | *1800* |
| *Буҷети вилоятӣ* | *16544* | | *2645,4* | *6443* | *4840,4* | *2615,2* |
| *Буҷети маҳаллӣ* | *13200* | *4815* | *3039* | *2990* | *1776* | *580* |
| *Маблағҳои худӣ* | *67855* | *8670* | *26238* | *21557* | *8790* | *2600* |
| *Маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ* | *607038* | *60190* | *106689* | *157658* | *138076,1* | *144425,4* |
| Сахми аҳолӣ | 119 | | 119 | | | |
| Номаълум | 17014 | | 4096 | 4476 | 4346 | 4096 |
| Кӯмаки бе бозгашт (грант) | 80800 | 52750 | 28050 | | | |
| Қарзи имтиёзнок | 3600 | 750 | 1700 | 950 | 200 | |

# БОБИ 1.
# ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ НОРАК

**Маълумотҳои таърихӣ.** Шаҳри Норак таърихи тӯлонӣ дорад. Бозёфтҳое, ки муаррихон аз ҳафриёти Норак пайдо кардаанд, гувоҳи он аст, ки ҳанӯз дар замони асри санг одамон дар ин минтақа истиқомат доштаанд.

Дар солҳои 20-30-юми асри гузашта гидроэнергетикҳои ҷавони Шӯравӣ ба бунёди Нерӯгоҳи барқии обӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда буданд. Танҳо дар охирҳои соли 1960 Совети Вазирони СССР дар бораи сохтмони Нерӯгоҳи барқии обии Норак қарор қабул кард ва корҳои сохтмонӣ дар ҷойи деҳаҳои хурди Тутқавул, Норак, Лангар ва Деҳи Сабур оғоз гардид. 16 декабри соли 1960 дар асоси Указа Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ба Норак мақоми шаҳр ва 2 феврали соли 1996 бошад бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Норак таъсис дода шуд.

Агрегати аввалини НБО-и Норак 15 ноябри соли 1972 ва агрегати охирин соли 1979 ба фаъолият шуруъ намуд ва обанбори калонтарин дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омад. Масоҳати обанбори Норак 98 км. мураббаъ, ҳаҷмаш 10,5 миллиард м$^3$, дарозиаш 70 км, бараш то 1 км, ҷарфияташ ба ҳисоби миёна 107 метр ва баландии сарбанд 300 метрро ташкил мекунад.

**Маълумоти ҷуғрофии шаҳр**. Шаҳри Норак дар қисмати ҷанубу ғарби ҷумҳурӣ дар соҳили дарёи Вахш ҷойгир буда, онро қаторкуҳҳо ва ҳамвориҳо иҳота кардаанд. Шаҳри Норак аз шимол ба ноҳияҳои Ваҳдату Файзобод, аз шарқ ба ноҳияи Ёвон ва аз ҷануб ба ноҳияи Данғара ҳамсарҳад аст. Масоҳати шаҳри Норак 394,5 км$^2$ –ро ташкил медиҳад. Аз куҳҳое, ки Норакро дар оғӯш гирифтаанд, қаторкуҳҳои Нор зеботарин ва баландтарин (1714 метр) мебошад. Ин мавзеи дилангез диққати сайёҳонро ба худ ҷалб кардааст. Дар ҳудуди шаҳр қариб ҳамаи дарахтони зинатбахшу мевадор (себ, нок, олу, олуча, зардолу, анор, ангур, тут, гелос, бодом, писта), растаниҳои даштӣ ва бешадаштӣ мерӯянд. Ҳудуди шаҳр хоки хокистарранги қумдор ва баландиҳою доманкуҳҳо хоки сиёҳхок мебошад, ки барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ мутобиқ аст.

Шаҳри Норак аз сатҳи баҳр дар баландии 885 метр воқеъ буда, иқлимаш континенталии миёна мебошад, ҳарорати миёнаи солона + 11-12 C$^0$ (дар фасли гармо моҳҳои июл-август зиёда аз + 37 то +38 C$^0$) ва зимистон дар моҳҳои январ-феврал ҳарорати миёна$^-$ 4$^-$ 8 C$^0$ ва дар баъзе мавридҳо ҳарорати миёна то -20-28 C$^0$-ро ташкил медиҳад. Боришот дар фасли сармо то 400-500 мм ва дар фасли баҳор моҳҳои март-апрел бошад, 650-700 мм ва дар фаслҳои тобистону тирамоҳ камтар мушоҳида мегардад.

Фосилаи байни Норак то маркази вилоят шаҳри Қӯрғонтеппа 130 км ва то шаҳри Душанбе 64 км аст. Аз ҳудуди шаҳр роҳҳои мошингарди байни ноҳиявӣ мегузаранд.

**<u>Захираҳои табиӣ ва мавқеи иқтисодию ҷуғрофӣ</u>.** Дар қаламрави шаҳр аз канданиҳои фоиданок сангҳои ороишию сохтмонӣ, захираи зиёди қуму шағал ва намак мавҷуд аст. Ҳамчунин захираи зиёди об, бахусус баҳри Норак барои рушди минбаъдаи соҳаи туризми шаҳр ва обёрии заминҳои бекорхобидаи минтақаҳои Ёвону Данғара имконияти васеъ дорад. Воқеан, корхонаҳои бузурги саноатии Тоҷикистон-заводи алюминии Турсунзода, комбинати кимиёии Ёвон дар асоси истеҳсоли нерӯи барқи арзони НБО-и Норак ва НБО-и Бойғозӣ фаъолият доранд.

Мавқеи ҷойгиршавии шаҳр барои рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ мусоид аст. Аз ҳудуди шаҳр роҳи мошингузари Душанбе-Данғара мегузарад, ки шаҳрро бо дигар марказҳои саноатии вилояти Хатлон ва ҷумҳурӣ пайваст менамояд. Аз захираи бойи сангҳои табиӣ корхонаҳои саноатии дигар шаҳру ноҳияҳо истифода бурда, қуму шағал истеҳсол менамоянд.

Истифода ва коркарди маҳсулоти саноатӣ тавассути ташкили корхонаҳои хурду миёна яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур буда, дар таъмини аҳолии шаҳр бо ҷойи кори доимӣ ва бозори дохилӣ бо маҳсулоти худӣ мусоидат хоҳад кард. .

**Ҷадвали 2. Маълумотнома оид ба ҳудудҳои маъмурии шаҳри Норак**

| Р.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Мактаби ибтидоӣ | Муассисаҳои томактабӣ | Маркази инкишофи барвақтии кӯдакон | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ /бунгоҳҳо | Нуктаи фурӯши сӯзишворӣ | Тарабхона | Ошхона | Дӯкон ва мағоза | Ҳаммом | Сехҳои дӯзандагӣ | Сартарошхона | Ҷувози баркӣ ва обӣ | Корхонаҳои саноатӣ ва хурду миёна | Неругоҳҳои баркӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамоати деҳоти Пули Сангин | 5 | 7 | 11694 | 1362 | 4 | 2 | | | | 3 | | | 5 | 3 | 1 | 12 | 53 | | 1 | 1 | | 5 | |
| 2 | Ҷамоати деҳоти Дӯконӣ | 38 | 35 | 14990 | 1720 | 7 | 1 | 7 | | | 4 | | | 9 | 6 | | 5 | 45 | 1 | 1 | | 1 | 1 | 1 |
| 3 | Минтақаи манзилии №1 | 7 | | 4976 | 1646 | 2 | | | 2 | | | | | | | | | | | | | 1 | | 1 |
| 4 | Минтақаи манзилии №2 | 7 | | 8364 | 1866 | 2 | | | | | | | | 2 | | | | 42 | | | 1 | | 10 | |
| 5 | Минтақаи манзилии №3 | | | 7753 | 1289 | 1 | | | | | | | 1 | | | 2 | | 50 | 2 | | 3 | | | |
| 6 | Минтақаи манзилии №4 | 1 | 2 | 5854 | 1344 | 1 | | | | | 1 | | | 1 | 10 | | | 13 | 1 | | | | 3 | |
| | Ҳамагӣ | 58 | 44 | 53631 | 9227 | 17 | 3 | 7 | 2 | | 8 | | 1 | 17 | 19 | 3 | 17 | 203 | 4 | 2 | 5 | 2 | 19 | 2 |

**Вазъи демографии шаҳр.** То 1 январи соли 2014 аҳолии шаҳри Норак 53,6 ҳазор нафар ё 1,9 фоизи аҳолии вилоят ва 0,7 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 26,9 ҳазор нафар мард (50,1%) ва 26,7 ҳазор нафар зан (49,8%) мебошанд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 102,8 фоиз ва зичии аҳолӣ 130,5 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил медиҳад. Шаҳр аз рӯи хусусияташ саноатӣ буда, 49,9 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 50,1 фоизи онҳо дар шаҳр истиқомат доранд.

Дар давоми солҳои 2010-2013 аҳолии шаҳру деҳот 2,5 ҳазор нафар ё 4,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Маълумоти ба рӯйхатгирии шумораи аҳолӣ дар соли 2010 нишон дод, ки шумораи аҳолӣ дар шаҳру деҳот 3,2 фоиз коҳиш ёфтааст (1600 ҳазор нафар). Сабаби коҳиш ёфтани аҳолӣ аз ҳудуди шаҳр ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз ҷумҳурӣ рафтани аҳолии шаҳр мебошад.

**Ҷадвали№ 1. Шумораи аҳолии шаҳр**

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
| 1 | Хоҷагии хонавода | адад | 8131 | 8146 | 8246 | 8467 |
| 2 | Аҳолӣ | нафар | 49,4 | 50,9 | 52,2 | 53,6 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 49400 | 51100 | 26622 | 26900 |
| - | Зан | нафар | 22750 | 23620 | 25578 | 26700 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони синни 3-6 сола | нафар | 4742 | 4884 | 4967 | 5116 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола (умумӣ) | нафар | 19958 | 20650 | 21269 | 21907 |
| - | Кӯдакони то 17 сола (умумӣ) | нафар | 20838 | 21463 | 21827 | 22481 |
| - | Шумораи умумии маъюбон, | нафар | 590 | 620 | 739 | 822 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони маъюб (то 17 сола) | нафар | 189 | 137 | 162 | 171 |
| - | Гуруҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 25272 | 26030 | 26472 | 27266 |
| | Аз ҷумла, аз 15 то 18 сола | нафар | 4144 | 4268 | 4340 | 4470 |
| - | Гуруҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 1745 | 1797 | 1827 | 1881 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 2054 | 2733 | 3508 | 3250 |
| 3 | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 23168 | 23872 | 24481 | 25138 |
| 4 | Бекорон | нафар | 9064 | 8354 | 8700 | 7231 |
| 5 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 6042 | 6527 | 5792 | 5838 |
| 6 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 14104 | 15518 | 15781 | 17907 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 23,2 фоиз ба кор машғул, 12,9 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 35,3 фоиз бекорон мебошанд. Таи чор соли охир шумораи бекорон 21 фоиз коҳиш ёфтааст. Барои боз ҳам паст намудани сатҳи бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ дар доираи Барномаи рушди шаҳр барқарор намудани корхонаи бофандагӣ ва дигар корхонаҳои саноатӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳайати иҷтимоии аҳолии шаҳр аз тоҷикон, ӯзбекон ва русҳо иборат аст.




***Таҳлили ҳолати воқеии шаҳри Норак (SWOT)***

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Мавҷуд будани нерӯгоҳҳои обии барқӣ ва обанбори калонтарин дар ҷумҳурӣ;<br>• Дар шароити хуби ҷуғрофӣ ҷойгир будан ва доштани табиати дилҷалбкунанда барои рушди соҳаи туризм;<br>• Мавҷуд будани захираҳои табиӣ (сангҳои ороишӣ, қум, шағал ва дигар маводҳои сохтмонӣ);<br>• Шароити хуби иқлимӣ барои боғпарварӣ (бахусус анорпарварӣ) ва растанипарварӣ;<br>• Мавҷуд будани чарогоҳҳои васеъ барои инкишоф додани соҳаи чорводорӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои баландихтисос;<br>• Мавҷуд будани инфрасохтори аввалия; | • Самаранок истифода набурдани иқтидорҳои мавҷуда;<br>• Коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ ва набудани таҷҳизот ва технологияи замонавӣ барои коркарди онҳо;<br>• Заминаи сусти моддию техникии ширкатҳои туристӣ ва набудани брошураҳои алоҳида, буклетҳо ва суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва чашмаҳои мусаффо;<br>• Паст будани сатҳи фаъолияти хадамоти байторӣ ва набудани нуктаҳои бордоркунии сунъии чорвои хушзот;<br>• Набудани ҷойҳои кори доимӣ ва нокифоя будани музди меҳнат;<br>• Баромада рафтани кадрҳои баландихтисос аз ҳудуди шаҳр;<br>• Замонавӣ набудани инфрасохтори мавҷуда;<br>• Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ, иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои барқтаъминкунӣ;<br>• Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ.<br>• Нокифоя будани маблағ барои татбиқи барнома ва назаррас набудани сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти шаҳр; |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ ва қарорҳои махсуси ҲҶТ ҷиҳати пешбурди соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ;<br>• Бунёди НОБ-и Сангтуда-1 ва НОБ-и | • Пур шудани қаъри обанбори Норак аз ҳар гуна моддаҳои органикӣ;<br>• Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд); |

| | |
|---|---|
| Сангтуда-2;<br>• Таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Данғара ва бунёди нақби Чормағзак;<br>• Таъсиси минтақаи туристӣ дар заминаи баҳри Норак;<br>• Бунёди роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон;<br>• Мавҷуд будани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2007-2015»; | • Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>• Авҷ гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти шаҳр;<br>• Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>• Обхезии дарёи Вахш ва шусташавии заминҳои назди соҳил; |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи саноат

**<u>Таҳлили ҳолати кунунӣ</u>.** Соҳаи саноат дар шаҳри Норак яке аз соҳаҳои асосӣ ба шумор рафта, дар пешрафти иқтисодиёти шаҳр нақши пешбаранда ва муҳимро иҷро мекунад. Дар шаҳр 14 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад. Дар корхонаҳои саноатӣ 5851 нафар кору фаъолият мекунанд, ки аз ин 2582 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

***Диаграммаи 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2011- 2013 (млн. сомонӣ)***




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2013 дар қиёс ба соли 2011беш аз 18,8 фоиз афзуда бошад ҳам, аммо дар қиёс ба соли 2012 ба 2,6 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро мутахассисони соҳа дар мавсимӣ будани фаъолияти корхонаҳо ва маҳдуд будани бозори фурӯши маҳсулот арзёбӣ менамоянд. Воқеан, дар ҳудуди шаҳр яке аз бузургтарин корхонаҳои саноатии кишвар, яъне *НБО-и «Норак»* амал менамояд, ки бинобар сабаби маҳдуд будани бозори фурӯш соли 2013 дар қиёс ба соли 2012 тавлиди нерӯи барқро ба 404,5 млн. кВт. соат ва ё 3,8 фоиз коҳиш додааст, ки ин дар навбати худ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳр таъсири манфии худро расонида истодааст.

***Ҷадвали №1. Ҳолати корхонаҳои саноатӣ дар шаҳр (ба 01.01.2014)***

| *№* | *Номгӯи корхонаҳо* | *Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда* | *Иқтидори лоиҳавӣ/ солона* | *Иқтидори ҳозира/ солона* | *Ҳолати техникӣ* | *Истифодабарандагони маҳсулот* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1.* | *НБО-и «Норак»* | *Нерӯи барқ* | *11 млрд 200 млн КвТ соат* | *10,4млрд КвТ соат* | *Дар ҳолати корӣ* | *Аҳолии дохили кишвар ва корхонаҳои саноатӣ ,* |
| *2.* | *НБО-и «Бойғозӣ»* | *Нерӯи барқ* | *2 млрд 485 млн КвТ соат* | *1,946млрд КвТ соат* | *Дар ҳолати миёна* | *Аҳолии дохили кишвар ва корхонаҳои саноатӣ ,* |
| *3* | *ЧСП «ЗТМ»* | *Таҷҳизоти металли ғайристандартӣ* | *2000 тонна* | *830,2 тонна* | *Дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад* | *НБО-и Роғун ва дигар корхонаҳои сохтмонӣ* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Электрод* | *1500 тонна* | *127,3 тонна* | | |
| | | *Симтур* | *1600 м²* | *47 ҳазор м²* | | |
| *4* | *ҶСП «КМОҚ-и Норак»* | *Маҳсулоти сохтмонӣ* | *1300000* | *1317570* | *Куҳна ва дар ҳолати вазнин қарор дорад* | *Аҳолии шаҳр ва дигар корхонаҳои сотмонӣ* |
| | | *Қум* | *2000 м³* | *618,3 м³* | | |
| | | *Шағал* | *2000 м³* | *1000м³* | | |
| | | *Қирӣ (бетон),* | *100 м³* | *92,5 м³* | | |
| | | *Бетони яклухт* | *1300 м³* | *2500 м³* | | |
| *5* | *Ташкилоти ЯС-3/8* | *Маҳсулоти дӯзандагӣ* | --- | ------- | *Дар ҳолати корӣ* | *Аҳолии шаҳр* |
| *6* | *ҶДММ «ЖБИ»* | *Маҳсулоти сохтмонӣ* | | | *Куҳна ва дар ҳолати корӣ қарор дорад* | *Аҳолии шаҳр ва гирду атрофи он* |
| | | *Қум* | *1390 м³* | *3970 м³* | | |
| | | *Шағал* | *68 м³* | *1832 м³* | | |
| *7* | *ҶСТ «Бофандаи Норак »* | *Риштаи пахта* | *1000* | *100 тонна* | *Аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда, вале дар ҳолати корӣ қарор дорад* | *Аҳолии шаҳр ва НБО-и Норак ва Бойғозӣ* |
| | | *Матои дурушт* | *5600* | *500 ҳазор метр* | | |
| | | *Молҳои дӯхта* | *1000 нах и пахта* | *500 нах и пахта* | | |
| *8* | *ҶСП «ЗТТМ»* | *Кислород* | *10,3 м³* | *6,9 ҳазор м³* | *Дар ҳолати корӣ қарор дорад* | *Аҳолии шаҳр ва НОБ-и Рогун,НБО-и Норак ва Бойғозӣ* |
| | | *Таҷҳизоти металлӣ* | *300 тонна* | *303,1 тонна* | | |
| *9* | *КХ «Дӯстӣ»* | *Молҳои дӯхта* | - | - | *Куҳна ва дар ҳолати корӣ қарор дорад* | *Аҳолии шаҳр* |

Мушкилии асосии корхонаҳои саноатии шаҳр ин куҳна ва аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда гардидани таҷҳизотҳои мавҷуда мебошад. Аз сабаби гарон будани нархи таҷҳизотҳои ҳозиразамон ва набудани воситаҳои молиявӣ азнавсозии таҷҳизотҳои мавҷуда барои корхонаҳо мушкил мебошад.

***Ҷадвали №2. Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои саноатӣ тӯли солҳои 2011- 2013***

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *2011* | *2012* | *2013* | *Соли 2013 нисбат ба соли 2011 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *НБО-и «Норак»* | *млн. кВс* | *9878,1* | *10814,1* | *10409,6* | *105,4* |
| *2* | *НБО-и «Бойғозӣ»* | *млн. кВс* | *2077,9* | *18694,6* | *19467,8* | *945,5* |
| *3* | *ҶСК «ЗТМ»* | | | | | |
| | *Истеҳсоли таҷҳизоти метали ғайристандартӣ* | *тонна* | *1906,8* | *1129,3* | *830,2* | *43,5* |
| | *Истеҳсоли электрод* | *тонна* | *79,7* | *81,1* | *127,3* | *159,7* |
| *4* | *ҶСП «КМОҚ-и Норак»* | | | | | |
| | *Маҳсулоти қирӣ* | *м³* | *175,3* | *52,8* | *23,1* | *13,2* |
| | *Бетони яклухт* | *м³* | *1405,1* | *847,8* | *3300,6* | *234,9* |
| | *Истеҳсоли шағал* | *м³* | *7895,0* | *236,0* | *303,8* | *3,8* |
| | *Истеҳсоли қум* | *м³* | *3067,0* | *628,5* | *646,9* | *21,0* |
| | *Таҷҳизоти металлӣ* | *м³* | *0,6* | - | - | |
| *5* | *Ташкилоти ЯС-3 /8* | | | | | |
| | *Маҳсулоти дӯзандагӣ* | *ҳаз. дона* | *82,0* | *156,8* | *282,5* | *344,5* |
| *6* | *ҶДММ «ЖБИ»* | | | | | |
| | *Истеҳсоли шағал* | *м³* | *112* | *733,0* | *1831,7* | *1635,4* |
| | *Истеҳсоли қум* | *м³* | *1257* | *3031* | *3970* | *315,8* |
| *7* | *ҶСК «Бофандаи Норак »* | | | | | |
| | *Риштаи пахта* | *тонна* | *35,5* | *26,9* | *26,1* | *73,5* |
| | *Матои дурушт* | *ҳазор* | *82,1* | *100,2* | *149,4* | *181,9* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *метр* | | | | |
| | *Матои духта* | *ҳазор сомонӣ* | *194* | *162,9* | *120,9* | *62,3* |
| 8 | *ҶСП «ЗТТМ»* | | | | | |
| | *Истеҳсоли кислород* | *ҳазор м$^3$* | *21,5* | *3,1* | *7,0* | *32,5* |
| | *Таҷҳизотҳои металӣ* | *тонна* | *147,1* | *21,6* | *36,8* | *25,0* |
| 9 | *КХ «Дӯстӣ»* | | | | | |
| | *Молҳои ӯухта* | *ҳазор сомонӣ* | *109,0* | *131,5* | *154,2* | *141,4* |

Бо мақсади самаранок ва оқилона истифода намудани қувваи корӣ, махсусан занон дар заминаи муассисаи ислоҳотии занона сехи дӯзандагӣ (ташкилоти ЯС-3 /8) ташкил карда шудааст.

НБО-и "Норак" ва НБО-и "Бойғозӣ" 85 фоизи барқи дар ҷумҳурӣ истехсолшавандаро тавлид менамоянд, ки саҳми онҳо дар таъмини аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо нерӯи барқ баланд арзёбӣ мегардад.

Сохтмони НБО-и "Норак" соли 1961 дар саргаҳи дарёи Вахш оғоз гардида, соли 1979 бо иқтидори 2700 МВт ба фаъолият дароварда шуд. Соли 1988 баъди корҳои барқарорсозӣ дар ҳамаи агрегатҳо тавоноии нерӯгоҳ ба 3000 МВт расонида шуд. Аз сабаби солҳои тӯлонӣ фаъолият кардани нерӯгоҳ зарурияти иваз намудани агрегатҳои мавҷуда ба миён омадааст.




Бо мақсади бартараф сохтани мушкилиҳои ҷойдошта қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2005, №373 "Дар бораи Барномаи азнавсозӣ ва барқарорнамоии таҷҳизоти асосии Нерӯгоҳи Норак барои солҳои 2009-2015" тасдиқ гардид, ки мутобиқи он дар тӯли солҳои 2012 - 2015 ба анҷом расонидани корҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- *Таъмири асосии дарбанди кӯравии гидроагрегати №8;*
- *Ба анҷом расонидани корҳои ивазнамоии таҷҳизотҳои ОТК-220 кВ ба КРУЭ 220 кВ;*
- *Иваз намудани таҷҳизоти ОТК-500 кВ ба КРУЭ 500 кВ;*
- *Ивазнамоии чархи кории гидроагрегати №5;*
- *Гузаронидани таҳлили пурраи ҳаҷми обанбори Нерӯгоҳ;*
- *Дастрас намудани қисмҳои эҳтиётӣ барои хомӯшкунакҳои генератор;*

- *Дастрас намудани 1 адад системаи танзими гидроагрегатҳо ЭГР – 2м 100 /4;*
- *Дастрас намудани шитҳои «Н» ва «АН» барои Нерӯгоҳ;*
- *Дастрас намудани АГП-60 барои гидроагрегатҳо;*
- *Дастрас намудани маҳсулоти резинӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои дарвозаҳои ОС аз ҚО (КВсГВ);*
- *Иваз намудани воридаҳои (ввод) баландшиддат барои трансформаторҳо.*

***Ҷадвали №3. Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои саноатӣ тӯли солҳои 2011- 2013 (дар шакли пулӣ аз рӯи нархҳои ҷорӣ соли 2013)***

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2011 | 2012 | 2013 | Соли 2013 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | НБО-и «Норак» | ҳазор сомонӣ | 678035 ,6 | 856076,7 | 824279,5 | 121,5 |
| 2 | НБО-и «Бой гоз ӣ» | ҳазор сомонӣ | 152221 ,9 | 152927,7 | 157985,5 | 103,8 |
| 3 | ҶСП «ЗТМ» | ҳазор сомонӣ | 16193 ,9 | 11888,4 | 10466,2 | 64,6 |
| 4 | ҶСП «КМОҚ-и Норак» | ҳазор сомонӣ | 1471 ,8 | 574,5 | 1465,1 | 99,5 |
| 5 | Ташкилоти ЯС-3 /8 | ҳазор сомонӣ | 82,0 | 156,8 | 282,5 | 344,5 |
| 6 | ҶДММ «ЖБИ» | ҳазор сомонӣ | 296 ,9 | 349,3 | 417,9 | 140,7 |
| 7 | ҶСТ «Бофандаи Норак » | ҳазор сомонӣ | 684 ,4 | 584,7 | 636,6 | 93,0 |
| 8 | ҶСП «ЗТТМ» | ҳазор сомонӣ | 977 ,0 | 243,3 | 348,8 | 35,7 |
| 9 | КХ «Дӯстӣ» | ҳазор сомонӣ | 108 ,9 | 131,5 | 154,2 | 141,5 |
| 10 | ҶСК «Тоҷикгидромантаж» | ҳазор сомонӣ | | 4106,3 | 4115,3 | - |
| 11 | ҶДММ «Оби Норак» | ҳазор сомонӣ | | 10,5 | 10,8 | - |
| 12 | ҶДММ «Фарухруз» | ҳазор сомонӣ | | | 226,6 | - |
| 13 | ҶДММ «Машҳур М» | ҳазор сомонӣ | | | 26,5 | - |

**Иқтидори мавҷуда.** Манбаи асосии афзун гардонидани нишондиҳандаҳои ҳаҷми исетеҳсоли маҳсулотӣ дар шаҳр фаъолияти самараноки нерӯгоҳҳои мавҷуда мебошад. Илова бар ин, дар шаҳр дигар иқтидорҳои калони саноатӣ низ мавҷуданд, ки ҳангоми ба кор даровадани онҳо имконияти гирифтани даромади иловагӣ ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани аҳолии шаҳр мавҷуд аст. Аз ҷумла, ҳанӯз дар соли 1975 дар маркази шаҳр фабрикаи дӯзандагӣ бунёд шуда буд, ки ин фабрика дар ду баст 1200 нафар занону духтаронро ба кор таъмин мекард, мутаассифона ҳоло фабрикаи мазкур бо иқтидори пурраи худ фаъолият намекунад. Ғайр аз ин, аз фаъолият мондани корхонаҳои заводи “Асфалтбарорӣ”, корхонаи “Нонпаз”, корхонаи хурди “Строитель” ва корхонаи “Ховар” боиси нигаронист ва дар ҳолати ба кор даровардани онҳо имконияти зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мавҷуд аст.

Дар шароити кунунӣ баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва муҳлати кӯтоҳи баргардонии онҳо, инчунин кам будани ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат монеаҳои зиёд пеш меоварад.

**Ҷанбаҳои экологӣ**. Якчанд корхонаҳои саноатии шаҳр, ба монанди НБО-и Норак, НБО-и  Бойғозӣ, ҶСП «ЗТМ» ва ҶСП «КМОҚ»-и Норак» шиносномаи экологӣ доранду халос. Дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

**Мушкилиҳои соҳа:**

- *Аз кор боз мондани баъзе корхонаҳо баъд аз хусусӣ гардонидани онҳо;*
- *Баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва муҳлати кӯтоҳи баргардонии онҳо;*
- *Кам будани ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат;*
- *Маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ барои дастгирии молиявии корхонаҳо;*
- *Куҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти таъмини инноватсионии корхонаҳо;*
- *Истифодаи сусти усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;*
- *Суст будани ҷалби сармояи дохилию берунӣ барои рушди соҳа;*
- *Имкониятҳои маҳдуд ҷиҳати истифодаи самараноки такрористеҳсол.*

## 2.2. Соҳаи кишоварзӣ

Хоҷагии кишоварзӣ дар баробари дигар соҳаҳо дар рушди иқтисодиёти шаҳр нақши муҳим мебозад. Ҳоҷагиҳои кишоварзии шаҳру деҳот бештар ба растанипарварӣ, боғдорӣ, чорвопарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯри асалпарварӣ шуғл доранд. Аз зироатҳои техникӣ зағир, кунҷит ва аз зироатҳои ғалладонагӣ гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимакка барои дон парвариш карда мешавад. Зиёда аз 80 фоизи аҳолии қобили меҳнати дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии шаҳру деҳот қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши мева ва маҳсулоти чорводорӣ ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳр хоҷагиҳои хонавода ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба ҳисоб мераванд. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли ғалладонагиҳо, мева ва хоҷагиҳои хонавода бошад, дар истеҳсоли сабзавот, картошка, шир, гӯшт, тухм ва пашм ташкил медиҳад. Аз рӯи маълумоти расмии соли 2013 ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои шаҳр *нисбат ба ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят, аз ҷумла, ғалладонагӣ (якҷоя бо ҷуворимакка) – 0,17%, полезиҳо – 0,06%, сабзавот – 0,32%, картошка – 0,20%, меваҷот – 1,7%, ангур – 0,7%, шир – 0,36%, гӯшт – 1,1%, тухм – 1,3%, асал – 2,3%, пашм – 0,4% ва моҳӣ– 2,7%-ро ташкил дод.*

Кишоварзони шаҳри Норак дар қиёс ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳосилнокии пасттар мегиранд, зеро бештари заминҳои киштшавандаи хоҷагиҳои ин минтақа лалмӣ мебошанд.

*Ҳадафи асосӣ дар панҷ соли оянда ин беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда, васеъ намудани майдони боғу токзорҳо дар заминҳои лалмӣ, инкишофи соҳаи чорводорӣ, занбури асалпарварӣ ва моҳипарварӣ мебошад.*

**Шакли фаъолияти бахши кишоварзӣ.** Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ сохтори идоракунии хоҷагиҳои бахши кишоварзӣ дар шаҳр фаъолиятдошта аз 3 хоҷагии ёрирасон, 173 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 5 хоҷагии моҳипарварӣ ва зиёда аз 657 хоҷагии хонавода иборат аст. Аз 173 хоҷагии деҳқонӣ дар 10 хоҷагӣ занон роҳбар ҳастанд.

Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Аз 14 адад техникаву таҷҳизоти дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷудбуда 50 фоизаш коршоям (7 адад) ва 50 фоизаш (7 адад) дар ҳолати корношоям қарор дорад. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 30 % трактори шудгоркунанда (4 адад), 4 % трактори чархдор (4 адад), 4 % ядаки тракторӣ (4 адад), 2 % чизилҳои тракторӣ (2 адад), 6 % испори говӣ (6 адад) ва 1 % испори аспӣ (2 адад) мебошанд. Дар заминҳои лалмӣ ва санглох бештар аз чорвои корӣ истифода мешавад (гов ва асп). Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст ва таъмири онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо аз имкон берун аст. Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо нарасидани техника мебошад. Таи 20 соли охир дар шаҳр ҳамагӣ 1 адад трактори чархдор ворид шудааст, ки ба ҳар як трактори воридшуда 151 гектар замини корам, 90 гектар майдони боғ ва 20 гектар майдони ток ва умуман ба ҳар трактор

261 гектар рост меояд. Омили дигаре, ки ба пешрафти истеҳсоли кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин маълумоти кифоя надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад (зиёда аз 70 %-и онҳо таҷрибаи корӣ ва маълумоти кишоварзӣ, 80 % таҷрибаи роҳбарикунӣ надоранд ва 30 % -и хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкили дурусти ҳисобу китоби хоҷагидориро ба роҳ намондаанд).

Мушкилиҳое, ки ба он истеҳсолкунандагони хоҷагиҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ мешаванд, аз ин иборат аст:

- *Дар ҳолати ногувор қарор доштани базаи моддию техникӣ ба сабаби кофӣ набудани вазъи молиявии хоҷагиҳо, дастрас набудани қисмҳои эҳтиётӣ, камчинӣ ва гаронии нархҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ;*
- *Бинобар аз ҳад зиёд фарсуда шудани бештари техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ қобилияти самаранокии истифодаи хешро гум кардаанд ва кишоварзон ба техникаю таҷҳизоти нав ниёз доранд;*
- *Сатҳи пасти маълумотнокӣ ва набудани таҷрибаи кофии кишоварзӣ.*

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ то 1 январи соли 2014 ҳамаи заминҳои дар ҳудуди марзӣ- маъмурии шаҳр мавҷудбуда 606 гектар ва шумораи заминистифодабарандагон бошад 180 нафарро ташкил дод. Ҳамаи заминҳои қобили истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ 606 гектарро (аз ин 109 га обӣ) ташкил медиҳад, ки аз ин 606 га бевосита заминҳои кишоварзӣ (109 га обӣ), 406 га замини наздиҳавлигӣ (165 га обӣ), 115 га замини ёрирасони шахсӣ (15 га обӣ), 300 га фонди захиравӣ, 4418 га ҷангалу бешазор, 1324 га буттазор, 45 га ботлоқзор, 4008 га замини зери об, 278 га зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 406 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва 15929 га дигар заминҳо мебошанд. Заминҳои корами обӣ тавассути шабакаҳои обтаъминкунӣ обёрӣ карда мешаванд. Аз масоҳати умумии заминҳо 65,2 фоиз (39773 гектар) марбут ба корхонаҳои кишоварзӣ, 25939 фоиз (65,2 гектар) замини наздиҳавлигӣ, 774 фоиз замини шахсӣ ва 66,8 фоиз дигар заминҳо мебошанд. Аз 25939 га замини дар истифодаи кишоварзибуда 80 фоизи он ба хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста карда шудааст.

***Ҷадвали №1. Майдони заминҳои кишоварзӣ (ба 01.01.2014)***

| | *Замини корам* | *Аз ҷумла обӣ* | *Дарахтони бисёрсола* | *аз ҷумла обӣ* | *Чарогоҳ* | *Ҳамагӣ* | *Обӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Ҳамаи заминҳои кишоварзӣ* | *606* | *109* | *573* | *242* | *10503* | *11686* | *351* |
| *Аз ҷумла х/д* | *541* | *76* | *287* | *41* | *6373* | *7201* | *117* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *89* | *69* | *50* | *16* | *60* | *61* | *33* |

Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 451 га боғот (241 га обӣ), 122 га токзор (1 га обӣ) ва 2 га дарахтони ситрусӣ, 203 га субтропикӣ 203 га тутзор (1 га обӣ), ниҳолпарваришгоҳ 5 га ва дигар намуди дарахтони бисёрсола мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезӣ, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд (89 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (541 га) ва 11 фоиз ба дигар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ мансуб мебошад

***Диаграммаи №1. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)***




Соли 2013 майдони кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ аз рӯи ҳамаи намуди хоҷагиҳо ба ҳар нафар аҳолӣ 0,012 гектарро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 2012 ба андозаи 0,015 га кам шудааст. Умуман, дар давоми панҷ соли охир майдони кишт 17 % коҳиш ёфтааст, ки сабабаш паст будани ҳосилнокӣ, баланд шудани сатҳи оби обанбори Бойғозӣ ва гузаронидани 3,6 фоизи замини корам ба фонди маҳалли аҳолинишин (наздиҳавлигӣ) мебошад.

***Диаграммаи №2. Истифодаи замин аз рӯи кишти зироатҳо дар соли 2013(бо ҳисоби%)***




**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.** Соли 2013 хоҷагиҳои кишоварзии шаҳр бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ *37225,5* ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин *17271,2 ҳазор* сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (*46,4%*) ва *19954,2* ҳазор сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (*53,6%*) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёдтар аст. Аз рӯи маълумоти расмӣ соли 2013 ба як нафар *25* кг ғалладонагӣ, *48* кг сабзавот, *11* кг картошка, *41* кг мева ва ангур, *11* литр шир, *27* кг гӯшт ва *67* кг моҳӣ рост омад.

***Диаграммаи №3. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2011-2013 (млн. сомонӣ)***




Новобаста аз болоравии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ даромаднокии хоҷагиҳо таи ин солҳо кам шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда наметавонад талаботи дохилии шаҳрро қонеъ гардонад.

**Растанипарварӣ.** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии шаҳр ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзӣ 46,5 фоизро ташкил медиҳад. Инкишофи соҳа дар афзоиши даромади хоҷагиҳо накши калон дорад ва аз ин сабаб ба ин соҳа бештар аҳамият дода мешавад. Хоҷагиҳои шаҳр ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимакка барои дон) зироатҳои техникӣ (зағир, кунҷит), картошка, сабзавот (карам, сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг ва ғ.), полезӣ (тарбуз ва харбуза) ва хӯроки чорво машғуланд. Таи панҷ соли охир аз ҳисоби кам шудани майдонҳои кишти ғалладонагӣ ва хӯроки чорво кишти картошка 23%, сабзавот 37,9 %, полезӣ 35,3% маротиба коҳиш ёфта ва дар майдони 52 га боғи нав бунёд карда шуд.

***Ҷадвали №2. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ***

| *Номгӯи нишондиҳандаҳо* | *Ченак* | *Солҳо* | | | | | *2013 нисбат ба 2009(бо %)* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2009* | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | |
| *1.Майдони кишт* | *га* | *936* | *962* | *921* | *680* | *653* | 69,8 |
| *Ғалладонагӣ* | *тонна* | *1405* | *1463* | *1374* | *1296* | *1231* | 87,6 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *14,9* | *15,1* | *14,9* | *16,1* | *16,8* | 112,8 |
| *2.Майдони кишт* | *га* | *53* | *55* | *58* | *30* | *29* | 54,7 |
| *Зироатҳои техникӣ (зағир)* | *тонна* | *3,7* | *3,9* | *4,1* | *3,8* | *3,9* | 105,4 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *6,9* | *7,0* | *7,1* | *7,2* | *7,6* | 110,1 |
| *3.Майдони кишт* | *га* | *79* | *80* | *91* | *30* | *30* | 38,0 |
| *Сабзавот* | *тонна* | *1585* | *1600* | *1703,0* | *1824* | *2544* | 160,5 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *180,8* | *182,3* | *187,0* | *203* | *292* | 161,5 |
| *4.Майдони кишт* | *га* | *69* | *70* | *77* | *16* | *16* | 23,2 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Картошка* | *тонна* | *303* | *332* | *358,0* | *384* | *575* | 189,8 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *43,9* | *47,4* | *47,0* | *49,9* | *76,6* | 174,5 |
| *5.Майдони кишт* | *га* | *17* | *25* | *29* | *6* | *6* | 35,3 |
| *Полезӣ* | *тонна* | *135* | *168* | *174* | *185* | *257* | 190,4 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *73,5* | *60,4* | *60,0* | *308* | *428* | 582,3 |
| *6.Майдони мевагӣ* | *га* | *700* | *791* | *739* | *565* | *565* | 80,7 |
| *Мевагӣ* | *тонна* | *2046* | *2156* | *2171,5* | *2180* | *2181* | 106,6 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *44,2* | *41* | *43,5* | | | 0,0 |
| *7. Майдони ангур* | *га* | *137* | *127* | *128* | *121* | *122* | 89,1 |
| *Ангур* | *тонна* | *555* | *559* | *567,0* | *574* | *574* | 103,4 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *48,2* | *51,0* | *46.8* | *474* | *470* | 975,1 |
| *8.Майдони кишт* | *га* | *68* | *56* | *60* | *76* | *76* | 111,8 |
| *Зироатҳои х/чорво* | *тонна* | *643* | *693* | *746* | *2082* | *2176* | 338,4 |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *94,5* | *123,7* | *124,3* | | | 0,0 |

Дар шаҳр имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби васеъ намудани майдони боғу токзор ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ мавҷуд аст. Таи солҳои охир аз сабаби нарасидани оби полезӣ, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, хушкшавии боғу токзорҳо ва фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ дар мавзеи Сари Гузар ва Дӯстӣ ҳосили дилхоҳ гирифта намешавад. Дар ҳолати таъмиру барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо имконияти то 10 фоиз зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳр пайдо мешавад. Сабаби дигари паст шудани ҳосили зироатҳо ин набудани тухмии хушсифат, гаронии нархи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва умуман риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ аст.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар ҳолати 20 сентнер зиёд истеҳсол намудани ғалладонагиҳо аз 1 гектар хоҷагиҳо имконият пайдо мекунанд, ки хароҷоти худро пӯшонида даромади иловагӣ ба даст оранд.

***Ғалладонагӣ.*** Аз майдони умумии кишт 75,6 фоизи он барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимакка пешбинӣ мешавад. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 94,8 фоизро кишти гандум дар бар мегирад (436 га). Дар ҳудуди шаҳр ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар қисми замин гандум парвариш мекунанд, 100 фоизро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли ғалладонагӣ таи 3 соли охир тадриҷан зиёд шуда бошад ҳам, вале талаботи аҳолиро пурра қонеъ карда наметавонад. Норак минтақаи куҳистон буда, кишти ғалладонагӣ дар заминҳои лалмӣ гузаронида мешавад ва аз ин сабаб ҳосилнокии он дар қиёс ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят хело паст аст. Солҳои охир аз ҳисоби кам кардани кишти ғалладонагӣ дар заминҳои обӣ майдони кишти сабзавот, полезӣ ва картошка васеъ карда шудааст.

Дар баробари ғаллакорӣ барои шаҳр сабзавоткорӣ, полезӣ ва боғдорӣ низ соҳаҳои афзалиятнок мебошанд.

***Сабзавоткорӣ.*** Дар шаҳр кишти сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ шуғл доранд, ки аз маҳсулоти кишткардашуда 19 фоиз ба сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ,70 фоиз ба аҳолӣ ва 11 фоиз ба сектори ҷамъиятӣ рост меояд. Истеҳсоли маҳсулоти сабзавоткорӣ 10 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли махсулоти растанипарвариро ташкил медиҳад.

Аҳолӣ асосан ба парвариши сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, тарбуз, харбуза ва каду шуғл дошта, сарчашмаи даромад барои қисми аҳолӣ аст. Сабзавот асосан дар деҳаҳои Дӯконӣ, Чортут, Дӯстӣ ва маҳсулотҳои полезӣ бошад, дар маҳаллаҳои доманкуҳи Ҷамоати деҳоти Дӯконӣ бештар парвариш карда мешавад. Барои таъмини бозори дохилӣ бо сабзавоти тару тоза дар фасли зимистон хоҷагии махсуси сабзавотпарварӣ тавассути гармхона фаъолият дорад (КВД маҷмуаи гармхонаҳои шаҳри Норак), ки маҳсулоти он барои таъмини бозори дохилӣ ба шаҳри Душанбе ва дигар ноҳияҳо ба фурӯш бароварда мешавад. Шароити иқлимии шаҳри Норак барои васеъ намудани гармхонаҳо мусоид аст ва дар оянда зиёд намудани шумораи гармхонаҳо барои парвариши сабзавот яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи Барномаи рушди шаҳр аст.

Дар сатҳи кофӣ инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзӣ, бахусус соҳаи растанипарварӣ дар солҳои охир ба омилҳои зерин вобаста аст%

– *дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ оид банақшагирӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти он;*
– *набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;*
– *маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;*
– *паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;*
– *набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат.*

**Боғпарварӣ.** Боғ ва токпарварӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки шаҳр аст. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии шаҳр мебошад.

Иқлими шаҳри Норак имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил (дар доманакуҳҳо себ, нок, чормағз, олу,олуча, ангур, писта, бодом ва дигар меваҳои донакдор), меваҳои субтропикӣ (анор, лиму) васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва беруниро пурра бо меваи тару тоза таъмин кард. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо меваи тару тоза солҳои 80-90-уми асри гузашта дар минтақаҳои доманакуҳи қисмати шимолии шаҳр хоҷагиҳои махсуси боғдорӣ (аз ҷумла, дар мавзеъҳои Тутқавул ва Далдахӯрон боғҳои махсуси саноатии анорпарварӣ арзи ҳастӣ доранд) таъсис дода шуда буд. Дар солҳои охир аз сабаби нарасидани об ва нагузаронидани корҳои агротехнологӣ бисёр дарахтони анор, себ, ангур хушк гардида, дар мавзеъҳои Хоҷабдолон, Кули Лахча, Навде боғҳо пурра хушк гардидаанд. Дар ҳолати ба об таъмин намудани ин боғҳо эҳтимолияти гирифтани даромади иловагӣ мавҷуд аст, вале аз сабаби дастрасӣ надоштан ба оби полезӣ хоҷагиҳо хисороти зиёд дида, ҳосилнокӣ сол то сол паст шуда истодааст. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) дар

суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки боғдорӣ дар оянда ривоҷ дода шавад. Тайи солҳои 2010-2013 дар хоҷагиҳои шаҳр зиёда аз 52 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва таъмини аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ имконияти калон аст. Гарчанде дар ҳудуди шаҳр майдони боғу ток солҳои охир дар қиёс ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон зиёд шуда бошад ҳам, вале ягон корхонаи коркарди мева бунёд нашудааст. Аз сабаби набудани корхонаи коркарди мева дар мавсими ҳосилғундорӣ қисме аз меваҷот талаф ёфта, боиси хисороти зиёди хоҷагиҳои боғпарварӣ мегардад. Дар оянда ташкили нуқтаи қабули меваи хушк дар маркази шаҳр яке аз самти асосии Барнома мебошад.

Хоҷагиҳои боғпарварии шаҳр бештар аз дарахтони мевадиҳанда ба парвариши дарахтони анор, зардолу, нок, себ, ангур, хурмо, анҷир ва аз дарахтони бемева ба бед ва дигар дарахтони сояафкан машғул мебошанд. Иқлими шаҳри Норак барои васеъ намудани боғи анор ҷиҳати гирифтани ҳосили фаровон ва дигар меваҳои ситрусӣ (лиму дар гармхона) мутобиқ аст. Анори дар шароити иқлимии шаҳри Норак ба даст овардашуда дар муқоиса ба дигар ноҳияҳои анорпарвари ҷумҳурӣ аз ҷиҳати экологӣ сифати баландтар дошта, бозоргир мебошад ва барои содирот ба дигар кишварҳои хориҷ маҳсулоти беҳтарин аст. Дар оянда васеъ намудани боғҳои анор ва гирифтани ҳосили фаровон аз он яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар ҳудуди шаҳр чор хоҷагии махсусгардонидашудаи анорпарварӣ (ҶДММ “Боғи анор”- **132** га; ҶДММ “Анорбоғ”- **47** га; хоҷагии деҳқонии “Муллобобо”- **7** га; х/д “Аминҷон”- **5** га) фаъолият доранд ва дар оянда зиёд намудани хоҷагиҳои анорпарварӣ дар назар аст.



Тибқи нақшаи нишондиҳандаи дурнамо соли 2019 майдони боғ ва ангур аз ҳисоби замини корами обӣ васеъ карда шуда, истеҳсоли мева **2300** тонна ва ангур **600** тонна чашмдошт шудааст.

Таи солҳои охир барои амалӣ гардонидани «Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғдорӣ ва тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли мева, парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» зиёд намудани майдони боғу токзор, истеҳсоли мева ва ангур дар солҳои оянда ба нақша гирифта шудааст.

Солҳои охир истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳама гуна ҳашаротҳои зараррасон боиси нест шудани боғу токзорҳо гардида, ба паст шудани

ҳосилнокӣ оварда расонидааст. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашароти зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли меваҷот кӯмак расонад.

*Дар панҷ соли оянда дарёфти маблағ барои ҳимояи маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи мазкур аст.*

**Системаи обёрӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии шаҳр аст. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ҳудуди шаҳри Норак қариб ҳамаи заминҳои обӣ тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд ва аз сабаби 50 фоизи онҳо куҳнаву фарсуда шуданашон солҳои охир қариб 20 га замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондаанд (х/д “Бозоргул” 2 га, “х/д “Манучеҳр”- 4 га, х/д “Карим”- 2 га, “Сино”-2 га, “Худойқул”-1 га ва “Ширин”-2 га.

***Ҷадвали №4. Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ***

| *№* | *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Ҳамагӣ* | *Омодаи кор* | *Таъмирталаб* | *Миқдори заминҳое, ки об медиҳанд, га* |
|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *Дӯконӣ* | *3* | *3* | *2* | *379* |
| *2* | *Пули Сангин* | *4* | *4* | *2* | *337* |
| | *Ҳамагӣ дар шаҳр:* | *7* | *7* | *4* | *716* |

**Соҳаи чорвопарварӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосӣ ва афзалиятнок буда, вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 53 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2013 хоҷагиҳои чорводории шаҳр 19,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 54 фоизи он дар хоҷагиҳои хонагӣ ва 46 фоизаш дар хоҷагиҳои фермерӣ тавлид шудааст.

***Ҷадвали №3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2010-2013***

| *Номгӯи маҳсулот* | *Воҳиди ченак* | *Солҳо* | | | | *Соли 2013 нисбат ба соли 2010(%)* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2010* | *2011* | *2012* | *2013* | |
| *Гӯшт бо вазни зинда* | *тонна* | *868* | *890* | *947* | *997* | *115* |
| *Шир* | *тонна* | *1365* | *1387* | *1394* | *1421* | *104* |
| *Тухм* | *ҳаз.дона* | *689* | *692* | *715,6* | *725,7* | *105* |
| *Асал* | *тонна* | *11* | *11,8* | *14,3* | *19,8* | *180* |
| *Пашм* | *тонна* | *16* | *18* | *18,2* | *18,6* | *116,3* |
| *Моҳӣ* | *тонна* | *9,7* | *29,4* | *29,4* | *36,4* | *375* |

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар шаҳр то 1 январи соли 2014 ҳамагӣ 38034 сар чорвои калону майда ба қайд гирифта шудааст.

***Ҷадвали№4. Саршумори чорво дар солҳои 2011-2013(ҳаз.сар)***

| *Номгӯй* | *С о л ҳ о* | | |
|---|---|---|---|
| | *2011* | *2012* | *2013* |

| | *Ҳамагӣ* | *Хоҷагиҳои деҳқонӣ* | *Хоҷагии хонавода* | *Бахши давлатӣ* | *Ҳамагӣ* | *Хоҷагиҳо и деҳқонӣ* | *Хоҷагии хонавода* | *Бахши давлатӣ* | *Ҳамагӣ* | *Хоҷагиҳои деҳқонӣ* | *Хоҷагии хонавода* | *Бахши давлатӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Чорвои калони шохдор* | *9827* | *953* | *8780* | *94* | *10109* | *1007* | *9010* | *92* | *1523* | *1157* | *9270* | *96* |
| *аз он ҷумла модагов* | *4260* | *196* | *3930* | *28* | *4186* | *208* | *3950* | *28* | *4199* | *215* | *3958* | *26* |
| *Бузу гӯсфанд* | *25688* | *3565* | *22010* | *113* | *26331* | *3883* | *22380* | *68* | *27511* | *4768* | *22743* | *0* |
| *Асп* | *650* | *73* | *565* | *12* | *675* | *79* | *586* | *10* | *691* | *27* | *594* | *10* |
| *Парранда* | *16340* | *800* | *13640* | *1900* | *16350* | *7884* | *8236* | *230* | *17734* | *5880* | *11546* | *300* |
| *Занбӯри асал (оила)* | *1286* | *296* | *912* | *78* | *1482* | *341* | *1058* | *83* | *1500* | *384* | *1026* | *90* |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки 84 % саршумори чорво ба сектори аҳолӣ, 15,7 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 0,30 фоиз ба бахши давлатӣ рост меояд. Дар Норак барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст (27 %-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо 10503 га), ташкил дода, аз 3000 майдоҳои алаф дарав барои захираи хӯроки чорво истифода бурда мешавад.

М*ушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ аст. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр дарояндаи наздик аст.* Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойи нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар шаҳр мусоидат менамояд.

***Коркарди пӯст ва пашм.*** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ, аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии шаҳр, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳамияти иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми мавҷуда бинобар набудани нуқтаҳои қабул ва коркард нашудани онҳо бекор хобидаанд. Бо ин мақсад дар сатҳи миллӣ *«Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015»* ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) тӯли солҳои 2009-2015, зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар ноҳияҳои чорводори ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст. Тайи 20 соли охир дар шаҳр ҷамъоварии пӯсту пашм ба роҳ монда нашудааст, ки ин бар зарари хоҷагиҳои чорводор мебошад.

**<u>Занбӯри асалпарварӣ.</u>** Асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлими Норак барои инкишофи соҳаи занбӯри асал ва асалпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳанда имкон медиҳад, ки шумораи оилаи

занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Воқеан, тӯли панҷ соли охир оилаи занбӯри асал қариб 3 маротиба ва истеҳсоли он 2,7 маротиба зиёд шуда, истеҳсоли асал аз 1 тоннаи соли 2005 ба 19,3 тонна дар соли 2013 расонида шуд. Барои минбаъд рушд додани соҳа ташкили курси бозомӯзӣ барои хоҷагиҳои асалпарвар ва ташкил намудани ассотсиатсияи асалпарварон дар маркази шаҳр ба мақсад мувофиқ аст. Ташкили чунин марказ метавонад мушкилии соҳаро, аз ҷумла барои безарар гардонидани ангезаҳои бемории сироятӣ, таъмини маводҳои зарурӣ барои занбӯрпарварон ва дар хариду фурӯши маҳсулоти тавлидшуда мусоидат намояд.

Дар панҷ соли оянда зиёд намудани истеҳсоли асали аз нигоҳи экологӣ тоза яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр аст.

**Моҳипарварӣ.** Моҳипарварӣ дар баробари дигар бахшҳои кишоварзӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Шаҳр дар канори дарёи Вахш ҷойгир буда, барои бунёди ҳавзҳо ва ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ шароити хуб дорад. Дар шаҳр 1 хоҷагии моҳипарварии махсусгардонидашуда (КВД «Норак-Бойғозӣ») ва 4 хоҷагии деҳқонии моҳипарварии хурд фаъолият дорад. КВД «Норак-Бойғозӣ» дорои 1990 га замини зери об (ба шумули ноҳияҳои Норак, Данғара, Файзобод) мебошад. Умуман, дар солҳои охир аз ҷониби хоҷагӣ нисбат ба коркарди саноатии моҳӣ диққати ҷиддӣ дода намешавад. Барои боз ҳам зиёд кардани ҳавзҳо ва ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ хоҷагиҳои мавҷуда имконияти калон доранд, вале то ҳол ин имконият аз ҷониби онҳо истифода бурда нашудааст.

Барои таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти аълосифати моҳӣ дар ҳудуди хоҷагиҳо 7 ҳавз ташкил дода шудааст. Аз рӯи нақша соли 2013 истеҳсоли моҳӣ ба 36,4 тонна расонида шудааст. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 таҳти №306 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» ҳаҷми истеҳсол ва сайди моҳии молӣ дар КВД «Норак-Бойғозӣ» ва дигар хоҷагиҳо  то соли 2015 ба 40 тонна расонида мешавад. Барои дар амал татбиқ намудани Барномаи соҳаи моҳипарварӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2009-2013 ҳар сол 300 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешавад. Дигар чорабиниҳо аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ ва грантҳо таъмин карда мешаванд. Ҳамчунин, дар доираи Барномаи мазкур таи солҳои 2009-2015 ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва саҳҳомии моҳипарварӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон (аз ҷумла дар шаҳри Норак) дар назар дошта шудааст.

**Паррандапарварӣ.** Ба роҳ мондани соҳаи паррандапарварӣ дар оянда метавонад дар рушди иқтисодиёти шаҳр мусоидат намояд, зеро барои парвариши парранда дар шаҳри Норак шароити хуб мавҷуд аст. Ба роҳ мондани парвариши парранда дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда метавонад дар оянда бозори дохилиро бо тухм ва гӯшт таъмин намояд. Дар соли 2013 шумораи парранда дар ҳамаи хоҷагиҳои шаҳр 17734 сарро ташкил медиҳад, ки аз ин 65 % ба аҳолӣ, 2 % ба бахши давлатӣ ва 33 % ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Бисёр хоҷагиҳо тасмим гирифтаанд, ки парвариши паррандаро ба роҳ монанд, вале аз сабаби дарёфт нашудани маблағ соҳаи марбута рушд наёфтаст. Барои инкишофи соҳа додани қарзҳои имтиёзнок тавассути бонкҳо бомаврид аст.

**Парвариши муши обӣ.** Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ хоҷагии махсусгардонидашудаи парвариши муши обӣ (андатра) фаъолият дошт, ки аз он хоҷагӣ даромади зиёд мегирифт ва яке аз маҳсулоти содиротии шаҳр низ ба ҳисоб мерафт. Пӯсти он асосан ба Руссия ва дигар ҷумҳуриҳо содир карда мешуд. Эҳё намудани хоҷагии таназзулёфта метавонад дар рушди минбаъдаи шаҳр нақши калон бозад.

**Байторӣ.** Рушди соҳаҳои чорвопарварӣ, паррандапарварӣ, занбӯри асалпарварӣ ва моҳипарварӣ аз хадамоти сифатноки байторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вабастагӣ дорад. Мутаассифона, дар шаҳри Норак идораи байторӣ, лабораторияи замонавӣ, клиникаи хусусии байторӣ, дорухонаи байторӣ вуҷуд надорад.

Дар байни чорвои калон ва моли майда ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои карасон (эмкар), зардкасал (лентоспироз), хорӣ (бешенства), вабои сумдарди ҳайвонот ва ҳамзамон вабои мурғҳои хонагӣ (псевдочума) ба мушоҳида мерасад. Маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда, сӯхтанӣ -100%, вабои сумдард 17%, гули моли майда 10-15 %, хорӣ-20% ва барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-20 % аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад.

Мушкили асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, ин набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо мебошад. Барои беҳтар намудани зотнокӣ, маҳсулнокӣ ва солим нигоҳ доштани чорвои зотӣ аз бордоркунии сунъӣ бо ваксинаи тейлериоз таъмин намудани хоҷагиҳои чорводор лозим аст, вале хоҷагиҳои чорводор бо ин ваксина пурра таъмин нестанд ва ин ваксина аз дигар давлатҳо оварда мешавад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Ташкили ҷойҳои махсус барои забҳ (ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим), гӯронидан ва сӯзонидани чорвои талафёфтаи шубҳанок, дорои касалии сироятӣ (яма бекри) ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагӣ аз ифлосшавии муҳити атроф яке аз самтҳои асосии Барнома дар панҷ соли оянда мебошад. Дар ҷамоатҳо барои безарар гардонидани чорвои фавтида ҷои махсус (яма бекри) вуҷуд надорад.

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилоти ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

***<u>Соҳаи хоҷагии ҷангал.</u>*** Ҷангал комплекси илмию истеҳсолӣ буда, ба парвариш, нигоҳубин, азнавбарқароркунӣ ва муҳофизат эҳтиёҷ дорад.

Масоҳати умумии замини ҷангали дар ҳудуди шаҳр ва берун аз он мавҷудбуда 35206 гектарро ташкил медиҳад, ки аз ин 30,0 ҳазор гектараш парваришгоҳ (мамнӯъгоҳ) мебошад. Заминҳои корхонаҳои хоҷагии ҷангали дар ҳудуди шаҳр ҷойгирбуда 5206 гектар (52 га обӣ)-ро ташкил дода

(қитъаҳои Чанор, Шар-Шар, Хуван ва Норак), аз ин 14 га (9 га обӣ) замини корам, 40 га боғот, 229 га чарогоҳ, 67 га замини наздиҳавлигӣ (43 га обӣ), 4350 га ҷангалу бешазор (3081 га майдони дарахтдор), 22 га роҳ ва роҳҳои чорвогузар, 26 га замини зери об ва 458 га дигар заминҳо мебошанд. Ҳамчунин дар қитъаи "Сайёд"-и ноҳияи Данғара 31 га ниҳолҳои зардолу, бодом, акатсия ва тухми бодом шинонда шудааст ва дар солҳои оянда бунёди 300 га барқароркунии плантатсияҳои писта дар назар аст.

Дар хоҷагии ҷангали шаҳр 16 нафар фаъолият намуда, 32 оила тариқи шартномавӣ кор мекунад. Ҳар сол хоҷагии мазкур тавассути иҷоракорон 1 тонна хуч, 6 тонна чормағз, 8 тонна меваи хушк, 2 тонна пиёзи анзур ва 12 тонна гандум истеҳсол карда, 800 куб ҳезум ба фурӯш мебарорад. Дар садҳо гектар ҳудуди хоҷагӣ гиёҳҳои кокутӣ, ҷамбилак, пудина, ширинбия, испанд, аҷиқ, ниҳолҳои хуч, ангат ва дигар растаниҳои худрӯй мавҷуданд, ки истифодаи онҳо дар соҳаи дорусозӣ имконпазир аст. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ҷангал, аз қабили ангат, хуч, пиёзи анзур, гиёҳҳои шифобахш, писта, чормағз ва ғайра усули пешқадам дар ин соҳа хоҳад буд. Зеро дар ҳудуди шаҳр зиёда аз 30-40 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки ба роҳ мондани истифода ва коркарди онҳо дар соҳаи дорусозӣ метавонад ба аҳолӣ даромади иловагӣ дода, буҷети маҳаллиро ғанӣ гардонад.

Дар хоҷагии ҷангали шаҳр 30 оила занбӯр парвариш карда мешавад ва имконияти то 100 оила расонидани он мавҷуд аст.

Дар доираи Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбуд бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Дар шаҳри Норак тибқи Барномаи мазкур тӯли солҳои 2006-2015 барои бунёди дарахтони сояафкан, бунёди пистазор ва ҷангалзор бо мақсади истеҳсоли чӯби сохтмонӣ 21 га пешбинӣ шудааст.Мушкили соҳа ин набудани техника, аспҳои корӣ ва камбудии роҳҳои дурусти байни хоҷагии ҷангал мебошад.

**Мушкилиҳои соҳа:**

- *Фарсуда ва корношоям гаштани техникаҳои мавҷуда дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва техникаи ҳозиразамон;*
- *Саривақт таъмин нагардидани тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ;*
- *Маҳдуд будани дастраси хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;*
- *Паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;*
- *Қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз андоз ва бонкҳо;*
- *Дастгирӣ накардани тасмимгирии деҳқонон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот;*
- *Набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат;*

- *Набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева, сабзавот ва ширу гӯшт);*
- *Нобаробар тақсим кардани чарогоҳҳо байни хоҷагиҳои чорводор;*
- *Риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани системаи киштгардон;*
- *Паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ;*
- *Зиёд шудани ҳашароти зараррасон, касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводи дорувории заҳркимиёҳо барои тоза намудани боғҳо;*
- *Таъмин набудани хоҷагиҳои чорвопарвар бо ваксинаҳо ва мушкилии хизматрасонии байторӣ дар сатҳи ҷамоатҳо;*
- *Таъмин набудан бо техника ва таҷҳизоти байтории замонавӣ;*
- *Набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм ва коркарди он;*
- *Набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва ҷойҳои махсус барои безараргардонӣ аз касалиҳои сирояткунанда;*
- *Набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ дар сатҳи ҷамоатҳо.*

## 2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна

**<u>Таҳлили ҳолати мавҷуда.</u>** Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти шаҳр, бахусус барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардонидани сатҳи даромади буҷаи маҳаллӣ нақши калон мебозад. Ҳаҷми маҳсулоте, ки аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна истеҳсол мешавад, сол то сол тамоюли болоравӣ дорад (ниг. ба диаг №1).

***Диаграммаи №1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии СХМ (млн.сомонӣ)***




Таи солҳои 2011-2013 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии СХМ -2,4 маротиба афзоиш ёфтааст. Рушди соҳибкории хурду миёна бештар дар соҳаҳои саноат, тиҷорат, хизматрасонии маишӣ, сохтмон, нақлиёт ва коммуникатсия бештар ба назар мерасад.

Ташкил ва ба кор даровардани корхонаҳои нави саноатӣ ба афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ таъсири мусбӣ расонид.

СХМ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ, бахусус дар самти саноат ва сохтмон нақши беандоза мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар бахши хусусӣ 70 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №1. Фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯи соҳаҳои асосии хоҷагии халқи шаҳр***

| *Соҳаҳои иқтисодӣ* | *Шумораи субъектҳои ба қайдгирифта* | |
|---|---|---|
| | *Шахсони ҳуқуқӣ* | *Шахсони воқеӣ* |
| *Кишоварзӣ бо назардошти коркард* | *6* | *12* |
| *Нақлиёт ва коммуникатсия* | *-* | *4* |
| *Тиҷорат* | *-* | *34* |
| *Соҳаи хизматрасонӣ ва савдо* | *39* | *-* |
| *Сохтмон* | *30* | *-* |
| *Хизматрасонии молиявӣ* | *188* | *-* |
| *Саноат* | *257* | *-* |
| *Тандурустӣ* | *168* | *-* |
| *Маориф* | *132* | *-* |
| *Ҳамагӣ:* | *820* | *50* |

Соли 2013 ҳиссаи соҳибкорони хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 73,3 фоизро ташкил дод.

***Ҷадвали №2. Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз СХМ (ҳазор сомонӣ)***

| *Соҳаҳо* | *2011* | *2012* | *2013* |
|---|---|---|---|
| *Хоҷагии қишлоқ* | *109,1* | *119,1* | *124,9* |
| *Саноат* | *5561,8* | *6636,3* | *7239,1* |
| *Савдо ва хизматрасонӣ* | *1223,5* | *1451,9* | *2829,6* |
| *Сохтмон* | *4117,4* | *3153,6* | *852,4* |
| *Соҳибкорон* | *462,8* | *692,5* | *1339,2* |
| *Бонкҳо* | *270,3* | *382,5* | *470,6* |
| *Дигарҳо* | *1667,2* | *1895,9* | *2989,7* |
| *Ҳамагӣ:* | 13412,1 | 14331,8 | 15845,5 |

**Пешниҳоди хизматрасонӣ барои рушди СХМ**. Барои дастгирии бахши хусусӣ дар ҳудуди шаҳр филиалҳои «Амонатбонк», «Тоҷпромбонк», «Ориёнбонк», «Тоҷиксодиротбонк», «Агроинвестбонк» ва Бонки «Эсхата» амал мекунанд. Дар тӯли се соли охир (солҳои 2011 -2013) аз ҷониби бонкҳои мазкур барои мизоҷон ба андозаи 31,9 млн сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ 4,8%, ниёзи иҷтимоӣ 21,8 %, саноат 1,7 %, сохтмон 25,3%, соҳибкорӣ 33,9 % ва дигар соҳаҳо 12,5 % пешниҳод гардидааст.

***Диаграммаи №3. Пешниҳодҳои қарзҳо аз рӯи соҳаҳои асосӣ дар тӯли солҳои 2011-2013 (%)***



## *Ҷадвали №2. Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2011-2013(ҳаз.сомонӣ)*

| *Номгӯи ташкилот* | *Сол* | *Маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида* | *Шумораи қарз истифодабарандагон* | *Бахшҳо* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *Кишоварзӣ* | *Саноат* | *Сохтмон* | *Соҳибкорӣ* | *Ниёзи ичтимоӣ* | *Дигар соҳаҳо* |
| *Филиали БДА «Амонатбонк»* | *2011* | *2958,6* | *687* | *359,4* | *205,0* | *1044,4* | *500,2* | *9,2* | *840,4* |
| | *2012* | *3193,8* | *536* | *372,8* | *140,0* | *1428,3* | *601,0* | *20,0* | *631,7* |
| | *2013* | *3254,5* | *500* | *628,6* | *195,0* | *1633,8* | *200,5* | *-* | *596,6* |
| *Ҳамагӣ* | ***2011-2013*** | ***9406,9*** | ***1723*** | ***1360,8*** | ***540,0*** | ***4106,5*** | ***1301,7*** | ***29,2*** | ***2068,7*** |
| *ФилиалиҶСК «Ориёнбонк»* | *2011* | *1686,3* | *60* | | | | 825,7 | | 860,6 |
| | *2012* | *1256,2* | *95* | | | | 783,7 | | 472,5 |
| | *2013* | *1073,7* | *103* | | | | 469,0 | | 604,7 |
| *Ҳамагӣ* | ***2011-2013*** | ***4016,2*** | ***258*** | | | | **2078,4** | | **1937,8** |
| *Филиали ҶСП «Тоҷпромбонк»* | *2011* | *2287,8* | *523* | *25,2* | | | *604,3* | *1658,3* | |
| | *2012* | *2032,9* | *460* | *28,6* | | | *512,9* | *1491,4* | |
| *Ҳамагӣ* | *2013* | *2535,4* | *499* | *11,9* | | | *637,3* | *1886,2* | |
| | ***2011-2013*** | ***6856,0*** | ***1482*** | ***65,7*** | | | ***1754,5*** | ***5035,8*** | |
| *Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»* | *2011* | | | | | | | | |
| | *2012* | *3081,8* | *150* | | | *531,7* | *2550,1* | | |
| | *2013* | *4756,2* | *210* | | | *2211,9* | *2544,3* | | |
| | ***2011-2013*** | ***7838,0*** | ***360*** | | | ***2743,6*** | ***5094,4*** | | |
| *Филиали ҶСК «Агроинвестбонк»* | *2011* | | | | | | | | |
| | *2012* | | | | | | | | |
| | *2013* | *1900,0* | *348* | | | | | *1900,0* | |
| | ***2011-2013*** | ***1900,0*** | ***348*** | | | | | ***1900,0*** | |
| *Филиали Бонки “Эсхата”* | *2011* | | | | | | | | |
| | *2012* | | | | | | | | |
| | *2013* | *1909,7* | | *93,1* | | *1224,3* | *592,3* | | |
| | ***2011-2013*** | ***1909,7*** | | ***93,1*** | | ***1224,3*** | ***592,3*** | | |
| *Ҳамагӣ:* | *2011-2013* | ***31927,0*** | ***4171*** | ***1519,6*** | ***540,0*** | ***8074,4*** | ***10821,3*** | ***6965,0*** | ***4006,5*** |

***Ҷадвали №2. Маълумот оид ба меъёри фоизи қарзии муассисаҳои бонкӣ дар соли 2013***

| *Номгӯи ташкилот* | *Ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда бо асъори миллӣ (ҳаз. сомонӣ)* | *Меъёри фоизи моҳона* | *Меъёри фоизи солона* | *Ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда бо асъори хориҷӣ (ҳаз. доллар)* | *Меъёри фоизи моҳона* | *Меъёри фоизи солона* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Филиали БДА «Амонатбонк»* | *3254,5* | *2,30* | *27,68* | | | |
| *ФилиалиҶСК «Ориёнбонк»* | *1073,7* | *2,2-2,5* | *26-30* | | | |
| *Филиали ҶСП «Тоҷпромбонк»* | *2535,8* | *2,5* | *30* | *458,0* | *2,50* | *30* |
| *Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк* | *4756,3* | *2,3* | *28* | *96,8* | *28* | *2,33* |
| *Филиали ҶСК «Агроинвестбонк»* | *1900,0* | *3,0* | *36* | | | |
| *Филиали Бонки "Эсхата"* | *1909,7* | | | | | |

Дар соли 2013 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳои шаҳр 9,5 млн. доллари ИМА, 1244,4 млн. рубли русӣ ва 21,5 ҳаз. евро ворид шудааст.

Ҳоло соҳибкорони шаҳр ба кӯмаки машваратии профессионалӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ), таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилоот, ҳамчунин дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ ва ғайра) ниёз доранд.

Соҳибкорон дар шаҳр яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти шаҳр вобастагии калон дорад. Феълан, дар шаҳр имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

**Мушкилиҳои асосии соҳа**. Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна дар шаҳр таъсири манфӣ мерасонад, ин набудани маблағҳои иловагӣ барои соҳибкорӣ ва бизнес, сатҳи баланди фоизи қарзҳо, сода набудани бақайдгирӣ, муҳлати кӯтоҳи баргардонидани қарз, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

## 2.4. Сохтмон

Соҳаи сохтмон яке аз соҳаҳои муҳими бахши воқеии иқтисодиёт, дар пешбурди сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, амалӣ кардани ҳадафҳои рушди инсонӣ мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамояд.

Дар соли 2013 дар шаҳру деҳоти Норак 5 ташкилоти сохтмонӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 203 нафар кормандон фаъолият мекунанд.

Дар шаҳру деҳот асосан фаъолияти ташкилотҳои сохтмонӣ баҳри ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, таъмиру барқарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

**Ҷадвали №1.Иҷрои корҳои пудратӣ дар ташкилотҳои сохтмонии шаҳр дар солҳои 2012 - 2013 (ҳазорсомонӣ)**

| № | Номгӯи ташкилотҳо | Шартномаи пудратӣ | Корҳои пудратии иҷрошуда (соли 2013) | Дар соли 2013, % | Корҳои пудратииичро шуда соли 2012 | Фарқият нисбати соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «НоракИБОсоз» | - | - | - | 38138,4 | -38138,4 |
| 2 | ФилиалиҶСК «Тоҷикгидроспетстрой» | 3757,11 | 3757,11 | 69,3 | 5418,8 | -1661,7 |
| 3 | Фирмаи «Бинокор» | 446,13 | 446,13 | 151,7 | 294,0 | 152,13 |
| 4 | ҶДММ «РОСТ» | 334,0 | 334,0 | 238,5 | 140,0 | +194,0 |
| 5 | ҶДММ «Сохтмон таъмир» | 614,6 | 614,6 | 255,5 | 240,5 | +374,1 |
| | Ҳамагӣ | 5151,84 | 5151,84 | 11,6 | 44231,7 | -39079,9 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки аксари корҳои сохтмониро дар шаҳру деҳот ташкилотҳои номбурда амалӣ менамоянд.

Дар соли 2013 тавассути ташкилотҳои номбурда дар ҳаҷми 5,1 млн. сомонӣ корҳои пудратӣ ба сомон расонида шуд, ки нисбати соли 2012 – 88,4 фоиз кам мебошад.

**Ҷадвали №2. Номгӯи иншоотҳои сохтмонашон нотамом ба 01.01.2014**

| № | Номгӯи иншоотҳо | Фармоишгар | Соли оғоз |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мактаб дорои 640 ҷойи нишаст | Вазорати маориф ва илм | 1991 |
| 2 | Хобгоҳи коргарон | Вазорати адлия | 1991 |
| 3 | Бинои кинотеатри «Вахш» | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр | 1997 |

***Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон:***

- Маҳдуд  будани буҷети ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва сол аз сол зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонашон нотамом;
- Пурра фаъолият накардани ташкилотҳои пудратӣ;
- Нарасидани мутахассисон;
-Бо иқтидори пурра фаъолият накардани заводи истеҳсоли хишт ва комбинати хонасозӣ;
-Норасогии техникаҳои сохтмонии пуриқтидор, аз ҷумла кранҳои борбардор, экскаватор ва ғайра.

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

**3.1. Соҳаи маориф.** Соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимест, ки барои рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор ва одилона аст.

***Ҷадвали №1, Дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинсият (тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2010 )***

| *Нишондодҳо* | *Соли 2010* | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дараҷаи маълумотнокӣ* | *Ҳамагӣ* | | | *Аз ҷумла, мардҳо* | | | *Занҳо* | | |
| | *Умумӣ* | *Шаҳр* | *Деҳот* | *Умумӣ* | *Шаҳр* | *Деҳот* | *Умумӣ* | *Шаҳр* | *Деҳот* |
| *Олии касбӣ* | *1989* | *1162* | *827* | *1622* | *869* | *753* | 367 | *293* | *74* |
| *Олии касбии нопурра* | *473* | *290* | *183* | *359* | *204* | *155* | 114 | *86* | *28* |
| *Миёнаи касбӣ* | *2144* | *1126* | *1018* | *1227* | *542* | *685* | 917 | *584* | *333* |
| *Миёнаи умумӣ* | *15159* | *7912* | *7247* | *7351* | *3689* | *3662* | 7808 | *4223* | *3585* |
| *Умумии асосӣ* | *8424* | *4020* | *4404* | *2998* | *1447* | *1551* | 5426 | *2573* | *2853* |
| *Ибтидоии умумӣ* | *5887* | *2889* | *2998* | *2808* | *1440* | *1368* | 3079 | *1449* | *1630* |

Фаъолияти асосӣ барои ҳалли тамоми вазифаҳои Барномаи рушди шаҳр дар соҳаи маориф аз инҳо иборатанд: а) барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ, таъмини муассисаҳо бо гармӣ ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон; б) таъмини хонандагони ҳамаи муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ; в) сохтани муассисаҳои нав; г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии муассисаҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо.

Дар системаи маорифи шаҳри Норак 4 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 7 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 1 гимназияи ба номи Абдуллоҳи Алӣ, литсейи хусусии «Нурбахш», 1 филиали муассисаи № 83- и шаҳри Нагинскии Федератсияи Россия, 1 коллеҷи тиббӣ (филиали коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат), 1 иттифоқи автомобилчиён, 1 ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиавӣ (ТҶММ), 1 муассисаи хусусии таълимии “Акфар”, 1 маркази таҳсилоти иловагӣ (МТИ) фаъолият доранд ва 1 маркази технология ва коммуникатсионӣ (МТИК).

**Маълумоти томактабӣ.** Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 22 гуруҳ бо теъдоди 556 нафар кӯдак (аз ин 230 нафар духтар) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Кӯдакон дар гуруҳҳо вобаста ба синну сол чунин ҷойгир карда шудаанд: гуруҳи тифлон, гуруҳи хурди дуюм, гуруҳи миёна, гуруҳи калонсолон, гуруҳи тайёрӣ ба мактаб ва гуруҳи русӣ.

Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 37 нафар кормандон ба таълиму тарбия машғул буда, аз ин 7 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 25 нафар дорои таҳсилоти миёнаи омӯзгорӣ, 5 нафар таҳсилоти миёнаи умумӣ доранд, ки дар шуъбаҳои ғоибонаи коллеҷу донишгоҳҳо таҳсил намуда истодаанд.

*Ҷадвали №2. Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| *Нишондодҳо* | *Сол* | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2011* | | *2012* | | *2013* | | *2014* | |
| | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* |
| *Муассисаи таҳсилоти томактабии №3* | *136* | *58* | *150* | *59* | *155* | *62* | *168* | *66* |
| *Муассисаи таҳсилоти томактабии №5* | *51* | *23* | *85* | *29* | *80* | *37* | *91* | *48* |
| *Муассисаи таҳсилоти томактабии №6* | *64* | *19* | *112* | *53* | *150* | *65* | *164* | *68* |
| *Муассисаи таҳсилоти томактабии №8* | *133* | *48* | *102* | *36* | *110* | *39* | *133* | *48* |
| *Ҳамагӣ:* | *384* | *148* | *449* | *177* | *495* | *203* | *556* | *230* |

Ба ғайр аз ин дар ҳудуди маҳаллаҳои шаҳри Норак марказҳои инкишофи кӯдакон ташкил карда шудааст, ки дар онҳо ҳамасола ба ҳисоби миёна беш аз 220 нафар кӯдакон ба таълим фаро гирифта мешаванд. Яке аз ҳадафи асосии ташкил намудани чунин марказҳо ин пеш аз ҳама, беҳтар намудани дастрасии кӯдакон аз оилаҳои осебпазир ва камбизоат, махсусан дар сатҳи маҳал, ба таҳсилоти томуассисавӣ маҳсуб меёбад.

Дар ҳудуди шаҳр беш аз 5222 кӯдакони синну соли томактабӣ (аз 3-6 сола) ба қайд гирифта шудааст, ки бинобар сабаби норасогии муассисаҳои томактабӣ дар ҳудуди шаҳр танҳо 14,9 фисади кӯдакони томактабӣ ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанду халос.




Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа ин дар ҳолати ногувор қарор доштани кӯдакистони №1 мебошад, ки зиёда аз 20 сол аст, ки аз истифода боз мондааст. Бинобар ин, қубурҳои обгузар аз кор боз монда, фарш ва боми бино дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Биной муассисаи мазкур аз чӯбу тахта сохта шуда, ҳоло садамавӣ буда, зарурияти сохтмони биной нави кӯдакистон ба миён омадааст.

Мушкилии дигар ин аст, ки дар аксар маҳаллаҳои калон ва миёнаи аҳолинишин умуман муассисаҳои таълимии томактабӣ вуҷуд надорад. Бинобар аз фаъолият боз мондани муассисаҳои томактабӣ дар маҳаллаҳои калонтарини шаҳр Тутқавул, Лангар ва Энергетик кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта нашудаанд.

**Маълумоти миёна.** Шумораи умумии хонандгон дар солҳои таҳсили 2013- 2014 12269 нафарро ташкил дода, аз ин 6609 нафар дар басти аввал, 5660 нафар дар басти дуюм таҳсил менамоянд.

*Ҷадвали 3. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии шаҳри Норак (нафар)*

| | *2011-2012* | | | | *2012-2013* | | | | *2013-2014* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Синфҳо* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтарон* |
| *I.* | *1134* | *579* | *555* | *49* | *1098* | *552* | *546* | *49* | *1185* | *630* | *555* | *47* |
| *II.* | *1159* | *567* | *592* | *51* | *1152* | *590* | *562* | *49* | *1113* | *550* | *563* | *51* |
| *III.* | *1275* | *619* | *656* | *51* | *1163* | *575* | *587* | *51* | *1145* | *595* | *550* | *48* |
| *IV.* | *1204* | *635* | *569* | *47* | *1265* | *600* | *664* | *52* | *1153* | *566* | *587* | *51* |
| *ҲамагӣI-IV* | *4772* | *2400* | *2372* | *50* | *4678* | *2317* | *2359* | *51* | *4596* | *2341* | *2255* | *49* |
| *V.* | *1192* | *635* | *557* | *47* | *1209* | *643* | *567* | *47* | *1261* | *606* | *646* | *52* |
| *VI.* | *1246* | *659* | *587* | *47* | *1163* | *592* | *566* | *49* | *1202* | *641* | *561* | *47* |
| *VII.* | *1231* | *630* | *601* | *49* | *1238* | *657* | *583* | *47* | *1143* | *585* | *558* | *49* |
| *VIII.* | *1074* | *564* | *510* | *47* | *1222* | *623* | *596* | *49* | *1249* | *670* | *579* | *46* |
| *IX* | *936* | *494* | *442* | *47* | *1036* | *533* | *510* | *49* | *1224* | *626* | *598* | *49* |
| *ҲамагӣV-IX* | *5679* | *2982* | *2697* | *47* | *5868* | *3048* | *2822* | *49* | *6070* | *3128* | *2942* | *48* |
| *X* | *831* | *436* | *395* | *48* | *802* | *423* | *379* | *47* | *869* | *429* | *440* | *50* |
| *XI* | *730* | *413* | *317* | *43* | *762* | *436* | *326* | *43* | *734* | *413* | *321* | *44* |
| *Ҳамагӣ X-XI* | *1561* | *849* | *712* | *46* | *1564* | *859* | *705* | *45* | *1603* | *842* | *761* | *47* |
| *Ҳамагӣ:* | *12012* | *6231* | *5781* | *48* | *12110* | *6224* | *5886* | *47* | *12269* | *6311* | *5958* | *48* |

Новобаста аз оне, ки дар маҷмуъ шумораи умумии хонандагон сол аз сол зиёд шуда истодааст, мутаассифона дар ин раванд коҳиш ёфтани шумораи ҳангоми аз синфи 9 -ум ба сифҳои болоӣ гузаштан, махсусан дар самти фарогирии духтарон, ба мушоҳида мерасад.




Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани хонандагон баъди хатми синфи 9-ум ба он алоқаманд аст, ки қисми писарбачагон аз оилаҳои камбизоат ба муҳоҷирати меҳнатӣ, қисми дигари писару духтарон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзгорӣ, тиббӣ ва инчунин ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳру деҳот мераванд.

Натиҷаҳои фаъолияти солҳои охир нишон дод, ки 13 фоизи духтарони берун аз муассиса монда ҳавасманданд, ки онҳоро ба курсҳои миёнамуҳлати таълимӣ равона намоянд. Қисми зиёди онҳо хоҳиши идомаи таҳсил дар курсҳои омӯзишии компютерӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷиро доранд.

Аз сабаби нарасидани синфхона дар аксари муассисаҳои шаҳру деҳоти Норак шумораи хонандагон дар синфҳо аз меъёри муайяншуда зиёд буда, ҳатто дар як синф то 37 нафар хонандагон таҳсил менамоянд, ки ин ба сифати хониши онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Аксарияти муассисаҳо дар маркази шаҳр ҷойгир шудаанд, ки ба зиёд будани аҳолӣ алоқаманд аст.




Дар деҳаҳои калон 56,5% муассисаҳои таҳсилоти умумӣ(11-сола), 13 % муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ(то 9- сола) ва дар деҳаҳои хурд 30,4% муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ҷойгир шудаанд.

Солҳои охир афзоиши шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии наздик ба маркази шаҳр ба мушоҳида мерасад. Сабаби афзоиш ёфтани шумораи хонандагон дар маркази шаҳр ин тағйир ёфтани вазъи демографӣ ва дар ин замина бунёд шудани маҳаллаҳои навбунёд мебошад. Ҳамаи ин дар натиҷа ба норасогии ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимии назди шаҳрӣ оварда расонидааст. Аз рӯи маълумоти расмӣ барои пурра аз байн бурдани ин мушкилот сохтмони 58 синфхонаи иловагӣ зарур аст.

Айни замон дар шаҳри Норак 6 адад ассотсиатсияи волидайну омӯзгорон (АВО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин ассотсиатсияҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

Мушкилии ҷойдошта, аз қабили нокифоягии китобҳои дарсӣ ва маводи методии замонавӣ вазъи соҳаи маорифро боз ҳам мушкилтар гардонида, барои рушди он садди роҳ мегарданд. Сифати таълим, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагон мутахассисони соҳаро имрӯз қаноатманд кунонида наметавонад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

**<u>Таъминот бо омӯзгорон</u>**. Ба 01.01.2014 шумораи умумии омӯзгорон 650 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 434 нафар ё 67 фоизашро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 299 нафар (146 нафар зан) дорои маълумоти олӣ, 20 нафар (14 нафар зан) дорои маълумоти олии нопурра, 266 нафар (218 нафар) дорои маълумоти миёнаи махсус, 65 нафар (56 нафар зан) дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд.

*Ҷадвали №4. Шумораи омӯзгорон дар тӯли солҳои 2011-2014(нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 565 | 566 | 592 | 650 |
| аз ҷумла занҳо | 385 | 392 | 395 | 434 |
| Дорои маълумоти олӣ | 261 | 245 | 277 | 299 |
| аз ҷумла занҳо | 112 | 129 | 135 | 146 |
| Олии нопурра | 56 | 43 | 27 | 20 |
| аз ҷумла занҳо | 34 | 35 | 19 | 14 |
| Миёнаи махсус | 264 | 266 | 262 | 266 |
| аз ҷумла занҳо | 216 | 217 | 215 | 218 |
| Миёнаи умумӣ | 23 | 12 | 26 | 65 |
| аз ҷумла занҳо | 23 | 12 | 26 | 56 |
| Муаллимони аз коррафта | 94 | 55 | 40 | 45 |
| аз ҷумла занҳо | 56 | 35 | 32 | 27 |
| Нарасидани кадрҳо | 32 | 21 | 9 | 6 |

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз кор рафтани муаллимони баландихтисос мебошад. Ин мушкилиро асосан дар деҳот мушоҳида намудан мумкин аст.

Сабаби асосии аз кор рафтани мутахассисони соҳа ин паст будани музди меҳнат, суст будани дастгирии моддию маънавӣ, ба дигар корҳои даромаднокtар ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо мебошад.

Дар тӯли солҳои 2011 -2014 аз мутахассисони маҳаллӣ 71 нафар (аз ҷумла 48 нафар духтарон) муассисаҳои олии кишварро хатм намудаанд, ки аз онҳо танҳо 57 ва ё 80,3 фоиз ба маҳалли худ баргашта, бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудаанд.

Бинобар паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардониҳои моддию маънавӣ кадрҳои маҳаллӣ аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои олӣ барои ба муассисаҳои таълимии шаҳру деҳот ба кор омадан ҳавасманд нестанд.

**Маълумоти фарогир.** Дар шаҳри Норак ба 01.01.2014 - 148 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 62 нафар духтарон) ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон, аз ин шумора танҳо 91 нафарашон (аз ҷумла 30 нафар духтар) ба таълим фаро гирифта шудаанду халос. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб ин набудани мутахассисони баландихтисос дар ин самт, муассисаҳои махсуси таълимӣ, шароити вазнини оилавӣ ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар муассисаҳои шаҳру деҳот мебошад.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Ба ҳисоби миёна ҳамасола 468 нафар, ё худ 63 фоизи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳр (аз ҷумлаи онҳо 192 нафар ё 26% духтарон) ба муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, худи Норак ва Данғара барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил мешаванд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2011- 2014 аз ҳисоби

хатмкардагони муассисаҳои шаҳр 67 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия, Украина, Белорусия ва Қазоқистон) таҳсил менамоянд.




Тибқи нақшаи корӣ  ҳар сол аз рӯи квотаи Президентӣ хонандагони болаёқат ба муассисаҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012 - 2014 тибқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои олии ҷумҳурӣ 62 нафар дохил шуданд, ки 30 нафарашон писар ва 32 нафари дигарашон духтарон мебошанд.

**Барқарорсозии инфрасохтори таълимӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008, №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии муассисаҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои ҳалталаб, ба монанди аз вагонхонаҳо баровардани синфхонаҳои  боқӣ мондааст. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар доираи барномаи мазкур баровардани муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 21 аз вагонхонаҳо дар назар дошта шудааст.

Бо назардошти он ки ҳоло дар аксар муассисаҳои шаҳру деҳот хонандагон аз меъёри муқаррааргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони муассисаҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар ин замина, зарурати сохтмони ду муассисаи замонавӣ (1 литсей ва 1 гимназия дар маркази шаҳр), бинои нави муассисаи ибтидоии №10, ба анҷом расонидани сохтмони нотамоми бинои сеошёнаи назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4 дар деҳаи Тутқавул ва сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1,6,9,11,14,15,17,21,24,27, Гимназия ба миён омадааст. Масалан, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1 соли 1963 барои 420 нафар хонанда сохта шуда, айни ҳол дар ин муассиса 930 нафар хонанда таълиму

тарбия мегиранд, ки ба ягон меъёрҳои стандартӣ рост намеояд. Инчунин дар муассисаи мазкур сохтмони кабинетҳои фаннӣ ва китобхона зарур аст.

Дар шароити кунунӣ дар аксари муассисаҳо, махсусан муассисаҳои деҳот норасогии кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳо, ошхонаҳо, китобхонаҳо ва толорҳои варзишӣ ба назар мерасад. Мушкилоти дигари соҳа ин нарасидани мизу курсӣ мебошад.

**Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.** Феълан, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Норак 365 адад компютер, 80 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 14,2 хонанда рост меояд, ки барои таълими хонандагон нокифоя аст. Дар асоси «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва барномаи қабулнамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак барои 15 нафар хонандаи синфҳое, ки аз фанни технологияи информатсионӣ таълим мегиранд, бояд бо 1 адад компютер таъмин карда шаванд. Барои ба ин ҳадаф хубтар расидан муассисаҳои шаҳри Норак ба 58 адад компютер ниёз доранд. Нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар муассисаҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини муассисаҳо бо хати озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст.

Бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талабот ба осоишгоҳҳо ва ташкили фароғат барои хонандагон сохтмони қисми дуюми лагери «Офтобак» дар дараи Пехо зарур аст.

**Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Ба сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар муассисаҳои деҳот аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Ин мушкилиро бештар дар муассисаҳои №№ 6, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 18, 19, 20, 21, 23 дидан мумкин аст.

Системаи таъминоти гармидиҳии муассисаҳои ҳудуди шаҳр аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои аловӣ сурат мегирад. Ба сабаби кор накардани маркази гармидиҳии шаҳр ва дигар системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти муассисаҳои шаҳру деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Гузаштан ба системаи нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти № 350 «Дар бораи ба шаклҳои нави идора ва маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Нораки вилояти Хатлон, ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Турсунзода, Ҳисор» аз 1 январи соли 2008 дар шаҳри Норак 28 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (17 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 7 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ) ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудаанд.

Баҳри татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф, мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорат ба рафти иҷрои

ислоҳот аз рӯи дастурамали харочот ба як хонанда аз чониби Лоиҳаи омӯзиши босифати USAID таи ин солҳо чандин чорабиниҳо гузаронида шуд.

Аз моҳи августи соли 2007 сар карда бевосита ба шуъбаи маориф, Раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маорифу молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин намуд.

Аз соли 2007 дар назди муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Норак ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва кумитаи падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба муассиса ворид карда мешаванд, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Бо ин мақсад, тӯли солҳои 2011-2013 ба 29 муассисаи таълимӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 26910,3 ҳазор сомонӣҷудо гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2013 дар ҳаҷми 12427,0 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 6596,9 ҳазор сомонӣ ё 2,1 маротиба зиёд мебошад.

***Маблаггузории соҳаи маориф дар тӯли солҳои 2011 -2013 (ҳазор сомонӣ)***




Дар соли 2014 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷет ҷудонамудани 15356,8 ҳазор сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Новобаста аз он ки маблағгузории соҳа солҳои охир афзоиш ёфтааст, мутаассифона барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа ин нокифоя аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкили таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба муассисаҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муссисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

## Мушкилиҳои соҳаи маориф

| | Номгӯи мушкилот | Ном, рақами муассисаҳои таълимӣ ва мавзеъҳои ҷойгиршавии он |
|---|---|---|
| 1 | Бад будани базаи моддиву техникии муассисаҳо | |
| | Таъмирталаб будани бинои муассисаҳо | №3,4,5,7,8,9,10,11,12,13,14,15,17,18,19,21,22, 23,24,25,26, гимназия |
| | Нарасидани синфхонаҳо | Дар муассисаҳои №1, 5, 6, 9,10, 11, 14,15, 17, 21,24,27, гимназия |
| | Нотамом мондани сохтмони муассисаҳо | №4 |
| | Сохтмони устохонаҳои томактабӣ | №1,2,4,6,7,8,10,11,12,13,14,15,17, 21,22,24,27, гимназия |
| | Таъмири асосии бинои шуъбаи маориф | Шуъбаи маорифи шаҳр |
| | Сохтмони толорҳои варзишӣ | №2,4,6,8,10,11,12,13,14,15,17,21,22,27, гимназия |
| | Сохтмони ошхонаҳо | №2,4,6,8,10,11, 13,14,15,17,21,22, 27, гимназия |
| | Сохтмони биноҳои асосии муассисаҳо | №2, литсей, 7 дар маҳаллаи Кибил |
| | Сохтмони бинои маркази таҳсилоти иловагӣ ва маркази компютерӣ | Дар маркази шаҳр |
| | Сохтмони қисми дуюми лагери «Офтобак» | Дар дараи Пехо |
| | Сохтмони як бинои литсейи давлатӣ | Дар маркази шаҳр |
| 2 | Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон | |
| | Набудани таҷҳизотҳои замонавӣ (мизу курсӣ, асбобҳои аёнӣ, бозичаҳои кӯдакона, расмҳо вагайра) | Дар кӯдакистонҳо |
| | Нарасидани таҷҳизоти томактабӣ, мизу курсиҳо | дар кӯдакистонҳо |
| | Таъмини муассисаҳо бо компютер ва принтер | Дар тамоми муассисаҳои таълими |
| | Набудани ҳуҷраҳои фаннӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳазонидашуда, нарасидани китобҳои дарсӣ | Дар тамоми муассисаҳои таълими |
| | Аз кор баромадани таҷҳизоти гармидиҳии муассисаҳо | Дар муассисаҳои деҳот |
| | Набудани барқи доимӣ дар муассисаҳо | Дар муассисаҳои деҳот |
| | Нарасидани таҷҳизот барои маркази таҳсилоти иловагӣ ва маркази технологияи информатсионӣ | МТИ ва МТИК |
| | Набудани хатти оби нӯшокӣ дар муассисаҳо | №6,10,11,12,13,1,.15,16,18,19,20,21,23,25,26 |
| 3 | Дастрас набудани хонандагон ба таҳсил | |
| | Ба талабот ҷавобгӯ набудани роҳҳои пиёдагард | Дар ҷамоатҳои деҳоти Пули Сангин, Дуконӣ |
| 4 | Ҷалби сусти диққати падару модарон ба мушкилоти муассисаҳо | |
| | Суст будани робитаи муассисаҳо бо АВО (Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон) | Дар муассисаҳои таълимии деҳот |
| 5 | Нокифоя будани фаъолияти беруназтомактабӣ | |
| | Ташкил намудани марказҳои таҳсилоти иловагӣ | Дарҷамоатҳои Дӯконию Пули Сангин |
| 6 | Ба талабот ҷавобгӯ набудани кӯдакистонҳо | |
| | Сохтмони бинои кӯдакистон | кӯдакистони №1 дар деҳаи Лангар, дар маҳаллаҳои Туткавул, Энергетик ва Дӯконӣ |
| | Таъмирталаб будани кӯдакистонҳо | |
| | Набудани таҷҳизоти нав | Кӯдакистони №5 |

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ

***Ҳолати умумӣ.*** Тандурустӣ соҳаи муҳим ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ аст. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар соҳаи тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои системаи ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд, равшан сохта, чунин зерсохторҳоро аз қабили миқдори марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ, мушкилии бахши тандурустӣ ва роҳҳои ноил шудан ба беҳдошти соҳаи марбута фаро мегирад.

Дар соҳаи тандурустӣ равандҳои асосии дастёбӣ ба ҳалли масъалаҳои ҲРҲ аз инҳо иборат аст:

- сохтану барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот;
- бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруҳои асосии шифобахш таъмин намудани муассисаҳои тандурустии шаҳр;
- ба васоити пешгирикунандаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- зиёдкунии мутаносибии ДОТС;
- дар сатҳи шаҳр пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда;
- ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза бо ВНМБ дар байни аҳолӣ бахусус ҷавонон;
- ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бегичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-сола;
- таъмини муассисаҳои тандурустии шаҳр (бахусус дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёна.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумхое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар шаҳр аст.

Мувофиқи арзёбиҳо ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи дарознокии умр 56- 62 сол аст, аз ҷумла барои мардон 55- 62 сол ва барои занон 66 - 73 сол.

Бемориҳои паҳншуда. Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии шаҳр ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз дар байни кӯдакон ва наврасони то синни 14-сола), ҷоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, аппендитсит, санги талха, гурда, бемории меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта ва латхӯрӣ (травма), аворизи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Яке аз сабабҳои паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ сари вакт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, камбизоатӣ ва дигар омилҳо мебошад.

***<u>Саломатии модар ва кӯдак.</u>*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии шаҳри Норак ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ маҳсуб меёбад.

***Ҷадвали №1. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар***

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* |
|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ таваллуд* | *1456* | *1509* | *1576* |
| *Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ* | *1342* | *1415* | *1509* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *92,2* | *93,8* | *95,8* |
| *Таваллуд дар хона* | *114* | *94* | *67* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *7,8* | *6,2* | *4.2* |
| *Фавти модарон (барои 100,0 ҳазор зинда таваллуд)* | *-* | *66,2* | *65,9* |

Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад.

***Ҷадвали№2.Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳое, ки аз ҳомилагӣ баромадаанд***

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада* | *1432* | *1457* | *1753* |
| *Камхунӣ (анимия)* | *312* | *353* | *431* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%),* | *21,7* | *24,2* | *24,5* |
| *Касалиҳои гирифтори ҷоғар* | *417* | *376* | *390* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%),* | *29,1* | *25,8* | *22,2* |
| *Мурдатаваллуд* | *17* | *24* | *23* |

Таи се соли охир шумораи занҳои гирифтори бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда 38,1 фоиз ва мурдатаваллуд 35,3 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаҳо мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст.

Дар воқеъ, яке аз масъалаҳое, ки диққати махсусро талаб менамояд, ин пешгирии сатҳи нишондиҳандаҳои марбут ба мурдатаваллуд мебошад. Яке аз сабабҳои асосии зиёд шудани сатҳи мурдатаваллудро мутахассисони соҳа дар Torg.(нуқсони модарзодӣ) таваллуди пеш аз муҳлат арзёбӣ менамоянд.

Воқеан, солҳои охир дар шаҳр коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), сари вақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводи пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масъалаҳои саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

***Ҷадвали№3. Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2013***

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* |
|---|---|---|---|
| *Фавти кӯдак то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т)* | *41* | *44* | *44* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *26* | *29.1* | *27.9* |
| *Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т)* | *33* | *38* | *35* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *80,4* | *25.1* | *22.2* |

Солҳои охир баланд гардидани нишондиҳандаҳои фавти кӯдакони то яксола ва 5 сола ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии он аз омилҳои зерин иборат мебошад:

1. Баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (06 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила.

2. Баланд будани бемориҳои роҳҳои нафас, дарунравӣ, варами шуш (гарчанде фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст), паст будани маърифатнокии модарон ва шароити пасти иҷтимоии оилаҳои камбизоат.

3. Набудани таҷҳизотҳои муосири тиббӣ (кювез, катҳои кӯдаконаи эҳёгарӣ) ва нарасидани мутахассисони соҳаи неонатологӣ ва эҳёгарӣ.

4. Баланд будани бемориҳои радифӣ, аз ҷумла камғизогӣ, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо.

***Бемориҳои сироятӣ***. Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои умдаи шаҳр ба ҳисоб рафта, аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ва кухнаю фарсуда шудани таҷҳизоти озмоишгоҳи маркази санитарию эпидемиологии шаҳр имкониятҳои пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ мушкил шудааст.

***Ҷадвали № 4. Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ***

| *Намуди бемориҳои сироятӣ* | *2011* | *2012* | *2013* |
|---|---|---|---|
| *Бемории сил* | *23* | *20* | *24* |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *450,1* | *384,5* | *457,5* |
| *Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо* | *107* | *87* | *146* |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *2093,9* | *1673,1* | *2783,1* |
| *Исҳоли хунин (Дизентерия)* | *5* | *3* | *1* |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *97,8* | *57,7* | *19,1* |
| *Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда* | *336* | *240* | *173* |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *6575,3* | *4615,4* | *3297,7* |
| *Гелментоз* | *224* | *240* | *281* |
| *(ба 100 ҳаз.аҳолӣ)* | *4383,6* | *4615,4* | *5356,5* |
| *Табларза (малярия)* | *1* | *-* | *-* |
| *Бемории ВИЧ/СПИД* | *26* | *27* | *30* |
| *Ҳамагӣ аҳолӣ:* | *51100* | *52000* | *52460* |

Таи солҳои охир афзоиши шумораи нафарони гирифтори бемории сил, газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо, гелментоз ва ВИЧ/СПИД ба мушоҳида мерасад.Дар ҳудуди шаҳр гирифторони бемории ВИЧ/СПИД дар се соли охир 15,4 % зиёд шудааст, ки ин боиси нигаронист. Танҳо таи се соли охир аз бемории ВИЧ (СПИД) 8 нафар фавтидааст.

Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин сари вақт ташхис нашудани бемориҳо, бахусус, дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), хизматрасонии пасти рифоӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ аст.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар шаҳри Норак бемориҳои захми меъда, газаки меъда, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, камбудии тарзи ҳаёти солим, сари вақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

## Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.

Системаи тандурустии шаҳри Норак аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

***Ҷадвали №5. Муассисаҳои тиббии шаҳри Норак***

| *Сохтори шабакаҳои КАТС* | *Ҷамъ 16 муассисаҳои КАТС* |
|---|---|
| *Маркази саломатии шаҳрӣ* | *1 адад дар маркази шаҳр* |
| *Марказҳои саломатии деҳот* | *3* |
| • *Бунгоҳҳои тиббӣ* | *12* |
| *Хадамоти бистарикунонӣ* | *Ҷамъ, 1 –муассисаҳои ХБ* |
| | *1 - беморхонаи марказии шаҳрӣ* |
| *Марказҳои тиббии махсусгардонидашуда* | *1- Маркази мубориза бар зиддӣ бемории сил* |
| | *1-маркази солимии репродуктивӣ* |
| | *1-Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим* |
| | *1-Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон* |
| | *1 - Маркази эмгузоронии шаҳрӣ* |
| *Маркази назоратии давлатии санитарию-эпидемиологӣ* | *1-адад* |
| *Шуъбаи ёрии таъҷилии беморхонаи марказии шаҳрӣ* | *1-адад* |

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар шаҳр як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур аст. *Аз ҷумла:*

- *набудани автоклави мутамарказонидашуда (фарсуда);*
- *бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ;*
- *набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии шахр (дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ,дастгоҳи рентгенӣ, флюорография, дезкамера, гастроскоп, Кювез ва ғайра);*

***Ҷадвали 6. Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС***

| *Муассисаҳои тиббӣ* | *Шумораи кормандон* | *Маълумоти миёнаи махсус* | *Маълумоти олӣ* | *Дигар кормандон* |
|---|---|---|---|---|
| *Муассисаҳои КАТС* | *255* | *146* | *38* | *71* |
| *Хадамоти бистарӣ* | *293* | *119* | *23* | *151* |

Муассисаҳои тиббии шаҳр аз нарасидани кормандони тиб, бахусус табибони маълумоти олидор танқисӣ мекашанд. Муассисаҳои тиббии шаҳр ба 52 нафар мутахассисони касбҳои гуногун ниёз доранд. Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Институти такмили ихтисос ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.*** Дар шаҳри Норак ҳалли масоили солимӣ иштироки ҷомеа кам мушоҳида мешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ на чандон хуб ба назар мерасад. Фаҳмиши аҳолӣ доир ба масъалаҳои бурдани тарзи ҳаёти солим хуб ба роҳ монда нашудааст.

Мушкилии соҳа:

| № | *Номгӯи мушкилот* | *Мавзеъ* |
|---|---|---|
| *1 .* | ***Бадгардидани заминаю моддию техникӣ*** | |
| *А .* | *Азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ(дар ҳолати садамавӣ қарор доштан ва ё дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир будан)* | *Бунгоҳи саломатии деҳаҳои Гирдоб,Чинор,Навде ва Тугмазор, Шуъбаи касалиҳои руҳӣ ва наркологии беморхонаи марказии шаҳрӣ* |
| | *Таъмирталаб будани муассисаҳои тиббии шаҳр ва гирду атрофии он* | *як қисми шуъбаи таваллудхона,шуъбаи эҳё ва мадҳушкунӣ, шуъбаи касалиҳои сироятии кудакона, шуъбаи муоинаи тиббӣ, шуъбаи касалиҳои кӯдакона, боми бинои асосии беморхонаи марказии шаҳрӣ ва ошхонаи беморхонаи марказии шаҳрӣ, нуқтаи тиббии Братск* |
| *Б* | *Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ-2 адад, таҷҳизоти ФГС-1 адад, таҷҳизотиУЗИ-1 адад, бронхоскоп-2 адад, таҷҳизоти автоклав-3 адад, таҷҳизотиЭКГ -5 адад, дефибрилятор-2 адад, таҷҳизоти нафаси сунъӣ (ИВЛ-ПО) -2 адад, УВЧ-4 адад, Кювез-4 адад электроотсос -5 адад, таҷҳизотиФЭК -3 адад, аппарат Дарсенвал- 2 адад, таҷҳизоти дандонпизишкӣ(Стомотологическая установка бормашина) 4- адад, таҷҳизоти рентгении стомотологӣ-1 адад, микроскопии электронӣ 4 адад, сентрофуга -2 адад, термостат -4 адад, таҷҳизот (набор) барои озмоишгоҳи клиникӣ-2 адад,таҷҳизот барои муоинаи гӯшу гулӯ бинӣ (отоларинглогический набор)-3 адад, шкафи хушка-қонунӣ (шкаф-сухожар) – 4 адад,олотҳои ҷарроҳӣ( операционый набор) -3 адад, камера Гараева-2 адад,* | *Ҳамаи муассисаҳои тиббии шаҳр* |
| *В* | *Нарасидани таҷҳизоти инвентарӣ, катҳои беморхонавӣ-30 адад, тарозу ва катченкунакҳо барои кӯдакони навзод ва то сини 1-сола 5 адад, миз барои печонидани кӯдак -5 адад, миз барои асбобҳои тиббӣ-22 адад, ҷевон (о)-24 адад, катҳо (кушетки) 23-адад, диван-15 адад, мизу кӯрсӣ -42 маҷмӯъ* | *Беморхонаи марказии шаҳрӣ, Бунгоҳҳои саломатӣ, Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, нуқтаи тиббии Братский* |
| *Г* | *Норасоии таҷҳизоти ёридиҳанда, компютер-9 адад видеокамера-1 адад,суратгираки рақамӣ -2 адад, Проектор-2 адад* | *Маъмурияти сохтори госпиталӣ ва муассисаҳои КАТС, Шуъбаи қабулгоҳ, Маркази солимии репродуктивӣ, Марказҳои саломатии деҳот* |
| | *Норасогии автомашинаи хизматӣ -1 адад* | *, Маркази эмтаъминкунии шаҳрӣ* |
| | *Норасогии дорувориҳои бе пул барои шахсони имтиёзнок* | *Беморхонаи марказии шаҳрӣ, маркази саломатии шаҳрӣ* |
| *2* | ***Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ;*** | |
| | *Сатҳи пасти тахассусии табибони ҷавон* | *Дар тамоми муассисаҳои тиббии шаҳр* |
| | *Нарасидани кормандони соҳаи тиб дар шаҳр, алалхусус табибони маълумоти олидошта* | *Дар тамоми муассисаҳои тиббии шаҳр* |

## 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**<u>Ҳолати кунунии соҳа.</u>** Соҳаи иҷтимоии шаҳри Норак аз системаи суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гуруҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад. Марҳилаи кунунии рушди шаҳри Норак бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии шаҳри Норак то 1 январи соли 2014 53,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 26,6 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

***<u>Гуруҳи осебпазири аҳолӣ.</u>*** Ба гуруҳи осебпазири аҳолии шаҳр нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

***Ҷадвали №1. Шумораи нафақахӯрон***
***аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2013***

| *Гурӯҳҳои осебпазир* | *Солҳо* | | | *Соли 2013 нисбат ба соли 2011 бо %* |
|---|---|---|---|---|
| | *2011* | *2012* | *2013* | |
| *Нафақахӯрон* | *2307* | *2592* | *2996* | *130* |
| *Маъюбон* | *620* | *739* | *822* | *133* |
| *Маъюбони модарзод* | *474* | *400* | *412* | *87* |
| *Бесаробонмондагон* | *408* | *510* | *588* | *144* |
| *Ҳамагӣ нафақахӯрон* | *3809* | *4241* | *4818* | *126* |
| *Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи қувваи барқ мегиранд.* | *1335* | *1235* | *1302* | *98* |

Дар шаҳр 6 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 30 нафар маъюбони Чернобил ва 822 нафар маъюбони гуруҳҳои 1, 2 ва 3 истиқомат доранд.

Дар давоми се соли охир афзоиши шумораи умумии нафақахӯрон ва маъюбон ба назар мерасад, ки ба афзоиши умумии аҳолӣ, аз меъёри муқарраргардида зиёд будани таъсири майдони магнитӣ, вазнин будани шароити оилавӣ ва истеъмоли ғайрисаривақтӣ ва дурусти ғизо ва риоя нагардидани талаботи санадҳои меъюрию ҳуқуқӣ оид ба таъмини шароит ва ҳифзи меҳнат алоқаманд аст. Шумораи маъюбон 26 фоизи шумораи умумии нафақахӯронро ташкил медиҳад. Соли 2013 дар шаҳр15 нафар кӯдакони аз падару модар маҳрумгашта ва 573 нафар ятимоне, ки яке аз волидайнашонро гум кардаанд, ба қайд гирифта шудааст. Дар ин самт зарур аст, ки масъулин ва мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус диҳанд. Дар ин замина дар ҳудуди шаҳр ташкили хонаи маъюбон барои кӯдакони маъюб шарт ва зарур мебошад. Мутаассифона, дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мушкилиҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли онҳо дастгирию кӯмакҳои башардӯстонаро тақозо дорад. Дар соли 2013 дар шаҳру деҳот ба 31 нафар маъюбони гуруҳҳои гуногун ба воситаҳои ҳаракаткунанда (курсӣ –аробача), 1 нафар ва асои дастӣ ба 30 нафар, бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва айнакҳои махсус, асбобҳои шунавоӣ) эҳтиёҷ доранд.

Ҳамзамон дар ин давра бахри дастгирии оилаҳои камбизоат (1302 оила) ба маблағи 308,5 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шудааст.

Талаботи умумии моҳонаи нафақа ба ҳолати 01.01.2014 , 1226,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 233,5 ҳазор сомонӣ зиёд буда ё 1,24 маротиба афзоиш ёфтааст.







Яке аз омилҳои асосие, ки дар афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа таъсири мусбӣ расонидааст, ин дар заминаи рушди иқтисодиёти кишвар ва зиёдшавии имкониятҳои молиявӣ интишор гардидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, таҳти № 1493 “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо” мебошад.

Бо мақсади зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии нафақахӯрон зиёдшавии нафақа ва кӯмакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст. Дар соли 2013 ҳаҷми миёнаи нафақа 304,86 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 47,69 сомонӣ зиёд буда ё 1,19 фоиз афзоиш ёфтааст.

Айни замон аз сабаби мавҷуд набудани муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона» расонидани кӯмаки иҷтимоии суроғавӣ дар шаҳри Норак барои пирони барҷомондаю ниёзманд ва шахсони яккаву танҳо пурра ба роҳ монда нашудааст, ки чунин ҳолат мушкилиҳои зиёдро пеш меоварад.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Норак дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи шаҳр ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2013 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 4557 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 2358 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди корқабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2019 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

***Ҷадвали №2 Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳри Норак барои солҳои 2011-2013***

| *Номгӯи чорабиниҳо* | *Солҳо* | | | | | | *Соли 2013 нисбат ба соли 2011 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2011* | | *2012* | | *2013* | | |
| | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | |
| *Таъсиси ҷойҳои нави корӣ* | *1237* | *1245* | *1200* | *1210* | | *2110* | *169,5* |
| *Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ* | *728* | *750* | *570* | *810* | *586* | *820* | *109,3* |
| *Касбомузӣ* | *75* | *77* | *140* | *154* | *186* | *186* | *241,6* |
| *Корҳои ҷамъиятии музднок* | *40* | *36* | *41* | *42* | *43* | *43* | *119,4* |

Дар доираи барномаи дар боло зикргардида дар давоми солҳои 2011-2013 беш аз 417 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергарӣ, барқ, компютерӣ) хатм намудаанд.




Хароҷоти буҷети шаҳри Норак барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷоти алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷети маҳаллӣ тахия мегардад.

Таҳлили дар диаграмма овардашуда нишон медиҳад, ки буҷети шаҳр хусусияти иҷтимоӣ дошта, соли 2013 88,7 фоизи он ба ин соҳа равона шуда, дигар хароҷот 11,3 фоизро ташкил медиҳад. Новобаста аз ин, бештари маблағҳое, ки дар ин самт ҷудо мегардад, ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ равона гардида, қисми аз ҳама камтари он барои рушди соҳаҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сафарбар карда мешавад.

Маблағи ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои пардохти ҷуброни мактаббачаҳо (аз оилаҳои камбизоат), кӯмаки яквақта барои шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Чернобел зарар дидаанд, ҳавасмандгардониҳо дар вақтҳои ҷашн ва идҳо барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат, маъюбони модарзод равона карда мешавад.

<u>**Музди меҳнат**</u>. Дар давоми солҳои 2011-2013 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пули аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди меҳнати номиналӣ дар соли 2013 нисбат ба соли 2012 ба андозаи 8,8 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол аз сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд, ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Ҷадвали №3. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011 -2013*

| *Соҳаҳо* | *Солҳо* | | | *Соли 2013дар муқоиса бо соли 2011 бо%* |
|---|---|---|---|---|
| | *2011* | *2012* | *2013* | |
| *Саноат* | *1484* | *1437* | *1945* | *131* |
| *Сохтмон* | *1548,3* | *1152* | *939* | *61* |
| *Молия ва қарз* | *853* | *922* | *1189* | *139* |
| *Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ* | *460,7* | *541* | *627* | *136* |
| *Тандурустӣ* | *365* | *421* | *629* | *172* |
| *Ҷавонон ва фарҳанг* | *374* | *416* | *580* | *155* |
| *Маориф* | *251* | *344* | *629* | *251* |
| *Кишоварзӣ* | *131,0* | *208* | *388* | *296* |
| *Ҳамагӣ дар шаҳр (ба ҳисоби миёна)* | *1070* | *1045* | *1126* | *105* |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда сатҳи даромаднокиашон ниҳоят паства аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи қоидаҳои Кодекси меҳнатро риоя намекунанд.

**Сатҳи бекорӣ.** Ҳадафи стратегии Барномаи рушди шаҳр дар солҳои оянда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровардани иқтидорҳои нав дар назар дошта шудааст.

Яке аз сабабҳои асосие, ки бекорони расман ба қайд гирифташуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст. Илова бар ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.









Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии қувваи қобили меҳнат шумораи бекорон 13348 нафарро ташкил медиҳад, ки 50,2 фоизашро бекорон ташкил медиҳанд. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои даргардишбудаи худ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2011 -2013 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 154 нафарро ташкил дод, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 345,4 ҳаз. сомонӣ баробар аст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад.

Дар шаҳр иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад. Зеро дар давраи сохтмони НБО-и Норак (солҳои 60 -80 -ум) дар шаҳр дар заминаи минтақаи калони саноатӣ корхонаҳои зиёди сохтмонию истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ сохта шуда фаъолият менамуданд. Мутаассифона, таи солҳои охир аксарияти ин корхонаҳо бинобар нарасидани ашёи хом, кӯҳнаю фарсуда гардидани технологияҳои истеҳсолӣ, нарасидани воситаҳои молиявӣ аз фаъолият боз монда, боиси баланд гардидани сатҳи бекорӣ шудааст. Дар ин самт ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ хеле зарур аст.




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак то соли 2019 ин пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии

фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад то соли 2019 ташкили 5745 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

**Пешгирӣ ва бартараф намудани шуғли ғайрирасмӣ.** Соли 2014 дар шаҳри Норак 2700 нафар барои пайдо кардани ҷойи корӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба шуғл ба сохторҳои марбута муроҷиат карданд, ки аз онҳо 1715 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора, 933 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва муваққатӣ таъмин карда шуд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамаи бекорон ба сохторҳо марбута муроҷиат мекунанд ва теъдоди онҳо аз шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда хеле зиёд аст. Аз рӯи таҳлилҳои мавҷуда бар меояд, ки зиёда аз 830 нафар шаҳрвандони шаҳр бекор буда, дар қайд нестанд.

Барои паст намудани сатҳи бекорӣ дар шаҳр ҷойҳои кори муваққатӣ, мавсимӣ ва доимӣ таъсис дода мешавад. Дар ин давра дар шаҳр аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1888 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.

Бо мақсади беҳтар намудани ҳамкории мутақобилан судманд байни корфармо ва корҷуй аз ҷониби сохторҳои марбута ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ гузаронида мешавад.

Соли 2014 дар миқёси шаҳр 12 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ гуузаронида шуд, ки дар онҳо ба 106 нафар барои кор роҳхат дода шуда, 106 нафар бо кор таъмин шуданд.

Бо мақсади ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат раобат карда наметавонанд тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009, №181 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул намудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ» дар соли 2014 - 48 нафар ба воситаи квота бо ҷои кор таъмин гардидаанд. Дар ин давра ба 147 нафар ба маблағи 57,938 сомонӣ кӯмакпулӣ дода шуд.

Яке аз роҳҳои асосии бо кор таъминкунии шаҳрвандони бекор ва ғанӣ гардонидани буҷет ин мусоидат намудан ба рушди соҳибкории хурд ва миёна маҳсуб меёбад. Барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои гузошташуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2016, №62 «Оиди расонидани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандоне, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд фаро гирифтани шахсони бекор» мусоидат намуда, заминаи ҳуқуқиро фароҳам меоварад.

Дар ин давра , ба 38 нафар ба маблағи 119200 сомонӣ, аз он ҷумла дар соҳаи истеҳсолӣ барои 12 нафар ба маблағи 60700 ҳазор сомонӣ, хизматрасонӣ 26 нафар ба маблағи 58500 ҳазор сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шуд.

Шаҳри Норак яке аз шаҳрҳои мебошад, ки сатҳи расмии бекорӣ нисбат ба захираҳои меҳнатӣ зиёд аст, ки он 2,8 фоизро ташкил медиҳад.

Барои омода намудани шаҳрвандони беихтисос ба бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи кишвар намояндагии филиали Корхонаи Воҳиди Давлатии «Маркази касбомӯзӣ» дар шаҳри Норак фаъолият дорад.. Аз ҷониби муассисаи мазкур дар соли 2014 аз ҳисоби мутахассисони маҳаллии шаҳри Ноарк 242 нафар дар доираи Барномаи мусоидат ба

шуғли аҳолӣ, 448 нафар тариқи худмаблағгузор ва 530 нафар ба воситаи шаҳодатномакунонӣ аз рӯи ихтисосҳои ба бозори имрӯза зарур буда, ҷалб гардиданд.

**Мушоракати иҷтимоӣ ва рушди он.** Воқеан, дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар соҳаҳои иктисодиёти шаҳр (новобаста аз моликият) бе мушоракати иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ имконнопазир аст. Дар навбати худ, мушоракати иҷтимоӣ ба бартараф намудани мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намуда, ба бартараф намудани таъсири манфии соҳаи замина мегузорад. Ин аст, ки соли 2014 аз 122 ташкилоту муассисаҳои дар ҳудуди шаҳр фаъолият дошта, бо 51 адади он шартномаҳои коллективӣ баста шудааст халос. Сабаби асосии пурра бо шартномаҳои коллективӣ фаро гирифта нашудани ташкилоту муассисаҳоиро мутахассисони соҳа дар кам (1 ё 2 нафар) будани шумораи кормандон мебинанд.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Муҳоҷирати меҳнатӣ ба монанди тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Аз рӯи маълумотҳои сатҳи ҷамоатҳо дар соли 2013 шумораи умумии муҳоҷирон 3250 нафарро ташкил медиҳад. Соли 2013 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳои шаҳр 9,5млн. доллари ИМА, 1244,4млн. рубли русӣ ва 21,5 ҳаз. евро ворид гаштааст.

Бо мақсади мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин дар назар аст:

- фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртакунонии ҷамъшаванда ва ихтиёрӣ;
- пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта;
- ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши муҳоҷиратӣ меҳнатӣ доранд;
- ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷират тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд;
- ташкил ва татбиқи механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ;
- самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдори болоӣ ҷиҳати интиқоли нерӯҳои корӣ ба хориҷи кишвар.

Яке аз масъалаҳои дигари марказии соҳа ин ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, №474 “Дар бораи нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2016” ба тасвиб

расидааст, ки дар доираи он аз шаҳр ва гирду атроф кучонидани 28 оила дар назар дошта шудааст, ки давра ба давра ба анҷом расонида мешавад.

***<u>Мушкилиҳои асосии соҳа:</u>***

- нарасидани воситаҳои техникӣ, курсӣ- аробачаҳо барои маъюбон;
- номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумӣ қабулгардида;
- рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ;
- сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;
- набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ;
- саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд;
- набудани муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона»;
- набудани хонаи маъюбон барои кӯдакони маъюб ;
- набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ.
- Маҳдуд будани маблағҳо барои пардохти қарзҳои имтиёзнок барои корҳои фардии шаҳрвандони бекор

### 3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

Дар шаҳри Норак 26 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст: 1 Қасри фарҳанг, 6 клуби деҳотӣ, як адад клуби сайёр, 15 адад китобхона (1 китобхонаи марказӣ, 5 адад шаҳрӣ, 2 адад китобхонаи бачагона ва 7 китобхонаи деҳотӣ), 1 мактаби бачагонаи мусиқӣ, 1 боғи фарҳангу фароғатӣ, 1 осорхонаи ба номи «Дӯстии халқҳо» ва 1 кинотеатр (таъмиру таҷдид шуда истодааст). Дар заминаи кинотеатри «Вахш» бунёди муассисаҳои фарҳангӣ имконпазир аст.

Дар муассисаҳои фарҳангӣ ҳамагӣ 151 нафар кормандон кору фаъолият менамоянд, ки аз ин 17 нафар дорои маълумоти олӣ, 4 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 20 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 114 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Айни замон, муассисаҳои фарҳангии шаҳр аз нарасидани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос 34 нафарро ташкил медиҳад.

Бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати соҳаи фарҳанг дар шаҳр бахши фарҳанг фаъолият менамояд, ки шумораи умумии кормандони он 9 нафарро ташкил медиҳад. Мушкилии асосие,ки мутахассисони соҳа ба он дучор гардида истодаанд, ин набудани бинои алоҳидаи маъмурӣ ва таҷҳизоти лозима мебошад. Зеро бахши мазкур ҳоло муваққатан дар бинои мактаби бачагонаи санъат ҷойгир шудааст.

Қасри фарҳанги шаҳр соли 1964 сохта шуда, дар он 18 нафар корманд фаъолият дорад. Шумораи миёнасолонаи истифодабарандагони ин муассиса 15 ҳазор нафарро ташкил дода, дар он ҳамасола ҳар гуна маҳфилҳои адабӣ, вохӯриҳо, суҳбатҳо, чорабиниҳои оммавию сиёсӣ ва фарҳангӣ гузаронида мешавад.

Дар назди қасри мазкур маҳфилҳои рақс, таблакнавозӣ, расмкашӣ, хониши бадеӣ, асбобҳои зарбӣ ва сарояндагӣ амал мекунад.

Мушкилии асосӣ дар ин самт нарасидани асбобҳои миллӣ, таъмирталаб будани боми он ва курсиҳои нишаст аст.

Аз 6 клубе, ки дар ҳудуди шаҳру деҳот мавҷуд аст, аксарияти онҳо куҳнаю фарсуда гардида, ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Яке аз хусусиятҳои хоси соҳаи фарҳанги шаҳри Норак аз дигар минтақаҳо бо он фарқ мекунад, ки баъзе муассисаҳои он, ба монанди Қасри фарҳанг ва боғи фарҳангу фароғатӣ дар тавозуни НБО-и Норак қарор дошта, танҳо аз санаи 1 августи соли 2014 ба мувозинаи бахши фарҳанг гузаронида шудааст. Бо мақсади мусоидат намудан ба рушди соҳаи фарҳанг ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар соли 2013 аз ҳисоби маблағҳои НБО-и Норак барои таъмири Қасри фарҳанг 169,4 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Мутаассифона, маблағҳои ҷудогардида барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта басанда набуда, ҳалли ин масъала ҷалби воситаҳои иловагиро тақозо дорад.

Бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа дар шаҳр мактаби бачагонаи санъат фаъолият менамояд, ки аз 6 шуъба (созҳои халқӣ, синфҳои рақс, баян-оккардион, фортепиано, санъати тасвирӣ, скрипка) иборат аст. Ҳайати омӯзгорон аз 10 нафар иборат буда, аз ин 4

нафар дорои маълумоти олӣ, 5 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 1 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд.

Дар соли 2013 шумораи хонандагон дар мактаби бачагонаи санъати шаҳр 192 нафарро ташкил медиҳад.

Китобхонаи марказии шаҳр бошад аз соли 1984 ин ҷониб фаъолият мекунад. Миқдори истифодабарандагони он 5667 нафарро ташкил медиҳад. Дар системаи китобхонаи марказонидашуда 49 нафар фаъолият менамоянд. Теъдоди умумии китобҳои китобхонаи марказӣ ва филиалҳои он 170694 нусхаро ташкил дода, аз ин 38052 нусха бо забони тоҷикӣ ва 132642 нусха бо забони русӣ мебошад. Аз шумораи умумии китобҳо 5057 нусха дар шуъбаи эҳтиётии китобхонаи марказӣ, 25711 нусха дар шуъбаи дастхатҳо (отдел автографов), 139926 нусха дар системаи китобхонаи марказонидашуда маҳфузанд.




Сабаби асосии нигоҳдории 82 фоизи китобҳо маҳз дар системаи китобхонаи марказонидашуда аз он иборат аст, ки он дар худ боз китобхонаҳои дигари шаҳр ва деҳотро муттаҳид намудааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин дар ҳолати ногувор ва таъмирталаб қарор доштани китобхонаҳои мавҷуда мебошад. Махсусан ин мушкилиро дар китобхонаҳои шаҳрӣ ва деҳот дидан мумкин аст. Илова бар ин, нарасидани курсиву мизҳои замонавӣ, рафҳои китобмонӣ, компютер ва адабиёти тозанашр корро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад.

Дар давоми солҳои охир ба ғайр аз бинои китобхонаи марказӣ ва Қасри фарҳанги шаҳр ягон муассисаи дигари фарҳангӣ бунёд карда нашудааст. Илова бар ин, бинобар солҳои дароз истифода гардидан ва аз таъмири асосӣ нагузаштан аксари муассисаҳои фарҳангӣ куҳнаю фарсуда гардида, ба талаботи муосир ҷавобгӯй нест.

Феълан, китобхонаҳои Деҳи Сабур, Лангар, Братск, Энергетик, китобхонаҳои бачагонаи №15,2, мактаби бачагонаи санъат дар биноҳои хонаҳои истиқоматӣ ҷойгиранд.

Дар маркази шаҳр боғи фарҳангию фароғатӣ амал мекунад. Шумораи умумии кормандони боғи мазкур 12 нафарро ташкил медиҳанд. Дар ин боғ барои кӯдакону наврасон чархофалак, офтобак, майдончаи мотосиклсаворӣ мавҷуд аст ва бештари чорабиниҳои фарҳангӣ маҳз дар ҳамин боғ гузаронида мешавад. Агар аз як тараф шумораи дастгоҳҳои

мавҷуда кам бошанд, аз тарафи дигар ҳамаи онҳо аз ҷиҳати физикӣ ва маънавӣ фарсуда гардида, кайҳо ба таъмини таҷҳизоти замонавӣ ниёз доранд. Инчунин, мушкилии дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин набудани бинои маъмурӣ ва норасогии воситаи дилхушкунандаи замонавӣ барои кӯдакон (чархофалакҳо) мебошад.

Аз соли 1979 ин ҷониб дар шаҳр осорхонаи ба номи «Дӯстии халқҳо» амал мекунад, ки аз ду ошёна ва 10 толор (9 толори намоишӣ ва 1 толори нигоҳдории фонд) иборат аст. Масоҳати умумии осорхона 400 м$^2$ буда, аз ду шуъба - «Таърихи нав» ва «Таърихи куҳан» иборат аст. Шумораи умумии нигораҳо то имрӯз 4758 ададро ташкил медиҳад.

Дар осорхона як утоқи алоҳида бо гӯшаҳои намоишӣ аз мусаввараҳо бахшида ба «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва гӯшаи ҷашнӣ бахшида ба 50 – солагии шаҳри Норак (бо номи «Норак-шаҳри орзуҳо») оро дода шудааст.

Мушкилии асосие, ки осорхона ба он рӯ ба рӯ гардида истодааст, ин надоштани бинои алоҳида мебошад.

### 3.4. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш

**<u>Соҳаи сайёҳӣ</u>.** Сайёҳӣ дар шаҳри Норак яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Феълан, дар шаҳри Норак инфрасохтори аввалиндараҷа, ба монанди осорхонаи шаҳрӣ, комплексҳои варзишӣ ва майдонҳои истироҳатӣ, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо мавҷуд мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ёдгориҳои машҳури таърихӣ, ланшафти зебои кӯҳӣ дар атрофи шаҳр метавонад дар рушди минбаъдаи шаҳри Норак ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Халқи хирадманди гармчеҳраи ин сарзамин бо меҳмондӯстии хеш метавонад ба ин минтақаи сайёҳӣ файзу баракати тоза бахшад.



Рушди соҳаи туризм баҳри паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия замина ва имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад. Инчунин рушди соҳаи мазкур барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самараноки он дар шаҳр бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ амал намуда истодааст, ки дар он 16 нафар мутахассисон фаъолият менамоянд.

Ҳамчун мавзеи сайёҳӣ дар ҳудуди шаҳр оромгоҳҳои бузургон мавҷуд мебошад, ки барои ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа айни замон 3 адад хатсайрҳои гуногун ташкил гардидааст, ки ҳамасола аз он тамоми сайёҳон истифода мебаранд.



Дар сатҳи ҷумҳурӣ сол то сол ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода шуда, дар ин замина аз 28 майи соли 2009, №299 «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» қабул карда шудааст, ки дар доираи он ба анҷом расонидани сохтмонҳои хусусӣ дар мавзеъҳои дарёи Вахш дар назар дошта шудааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии воситаҳои молиявӣ мебошад. Бинобар маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ аксар чорабиниҳое, ки дар барнома пешбинӣ гардидааст, сари вақт маблағгузорӣ ва иҷро карда намешаванд. Яке аз хусусиятҳои хоси фарққунандаи шаҳри Норак аз дигар минтақаҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳудуди он яке аз нерӯгоҳҳои азими кишвар, яъне НБО–и Норак ҷойгир гаштааст, ки баландии сарбанди он 300 метрро ташкил дода, дар Осиёи марказӣ аз ҳама калонтарин ба ҳисоб меравад. Ғунҷоиши обанбори нерӯгоҳи мазкур 10,5 млрд. $м^3$ – ро ташкил дода, дарозии он ба 70,0 км баробар аст. Маҳз бо ҳамин хусусиятҳои хоси хеш шаҳри Норак дар кишвар ва берун аз он ҳамчун шаҳри «Нурофарон» машҳур гардидааст. Дар фасли тобистон сайёҳони зиёд на танҳо аз минтақаҳои гуногуни кишвар, балки аз тамоми собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои хориҷӣ аз мавзеъҳои гуногуни шаҳри нурофарон дидан менамоянд.



Обанбори мазкур мавқеи дӯстдоштаи шиноварон ва ҳаводорони обҳои мусаффо буда, барои сайди моҳӣ ҷойи мувофиқ ва машҳур мебошад. Дар ҳудуди баҳри Норак барои ташкили сайри қаиқронӣ ва дар заминаи ин ташкили мусобиқаҳои гуногуни сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бо мақсади инкишофи соҳаи варзишӣ-кухнавардӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ҷалб намудани ҷавонони шаҳр яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, агар кухҳои мавҷудаи шаҳри Норак аз гиёҳҳои шифобахши табиӣ бой бошад, аз тарафи дигар, талу теппаҳои баланди он диққати касро ба худ ҷалб менамояд.



Инкишофи соҳаи варзишӣ-кухнавардӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ҷалб намудани ҷавонони шаҳр яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти шароити кунунӣ ва талаботи сайёҳон ба инфрасохтори аввалиндараҷа дар маркази шаҳр 2 меҳмонхонаи замонавӣ бо тамоми шароитҳои лозима сохта ба истифода дода шудааст, ки дар як шабонарӯз метавонанд то 160 нафар сайёҳони дохилию хориҷиро қабул намоянд. Илова бар ин, барои боз ҳам беҳтар гардонидани хизматрасонии соҳа ва қабули бештари меҳмонон ва ё заминаи мусоид фароҳам овардан барои




рақобати солим дар ин самт боз то соли 2019 сохтмони 1 меҳмонхонаи дигари нави замонавӣ дар назар дошта шудааст.

Мутаассифона, дар шаҳр ташкилоту муассисаҳои муаррификунандаи туризм фаъолият намекунанд. Дар ин самт бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Норак аз ҷиҳати надоштани воҳиди корӣ ва маблағгузорӣ нагардидани соҳа танқисии зиёд мекашад. Илова бар ин, ҳоло ҳавасмандии корхонаҳои муштараки туристии хориҷӣ барои дар ин минтақа кушодани намояндагии худ эҳсос карда намешавад.

**<u>Варзиш.</u>** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, № 278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар шаҳр нақшаи чорабинииниҳои рушди соҳа мушаххас тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ

гардидааст. То соли 2016 барои татбиқи амалии чорабиниҳо 600 -700 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳоло дар шаҳр 50 нуқтаҳои варзишӣ мавҷуд аст, ки аз 1 майдони варзишӣ дорои 1500 ҷойи нишаст, 11 адад майдончаҳои футбол, 26 адад майдончаи волейбол, 9 толори варзишӣ, 1 майдончаи сунъии футбол, 1 ҳавзи шиноварӣ, 1 майдони туби дастӣ иборат мебошанд ва дар ин иншоотҳои варзишӣ 6400 нафар ба варзиш машғул мебошанд.

Дар шаҳри Норак ду мактаби варзишӣ аз рӯи 8 намуди варзиш фаъолият мекунад, ки дар онҳо 13 мураббӣ ба таълиму тарбияи варзишгарони наврасу ҷавон машғуланд.

Ин муассисаҳои варзишӣ ягон толори варзишӣ ё ин ки майдони варзишии худро надоранд. Ҳарду мактаб дар асоси иҷора фаъолият намуда, ҳар сол маблағи умумии иҷора 12,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ба рушди минбаъдаи соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Варзишгарони шаҳр дар мусобиқаҳои варзишии гуногун, ҳамчунин дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок мекунанд ва сазовори ҷоизаҳо низ мегарданд.

***Иштироки варзишгарони шаҳр дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2011- 2013***

| *№.* | *Солҳо* | *Мусобиқаҳои шаҳрӣ* | *Вилоятӣ* | *Ҷумҳуриявӣ* | *Байнал-милалӣ* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2011* | *26* | *16* | *11* | *2* | ***55*** |
| *2* | *2012* | 13 | 10 | 9 | 6 | 38 |
| *3* | *2013* | 20 | 11 | 8 | 5 | 44 |

| *№.* | *Солҳо* | *Медали тилло* | *Медали нуқра* | *Медали биринҷӣ* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2011* | *3* | *8* | *13* | *24* |
| *2* | *2012* | 4 | 5 | 9 | 18 |
| *3* | *2013* | 1 | 2 | 10 | 13 |

Иншоотҳои варзишии шаҳр дар бисёр мавридҳо ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз дошта, ҳамчунин дар онҳо кормандони сатҳи миёнаи тиббӣ намерасанд. Дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳр норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ эҳсос гардида, аксарияти онҳо соддаву оддӣ сохта шуда, дар ҳолати ногувор қарор доранд.

Ҳоло баъзе аз деҳаҳои шаҳр аз марказ дар масофаи дур воқеъ мебошанд ва дар ҳудуди онҳо ягон майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд нест. Бинобар дурии роҳ кӯдакони ин деҳаҳо аз иштирок дар ҳама чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд. Дар деҳаҳои гирду атрофи шаҳр ҳамчунин норасогии ашёву афзори варзишӣ, таҷҳизоти машққунӣ ва дигар иншоотҳои варзишӣ ба таъмир эҳтиёҷ доранд.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## *4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)*

**<u>4.1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ.</u>** Таъмини пурраи аҳолӣ бо оби тоза ва безарари нӯшокӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди минбаъдаи соҳа дар доираи барномаи мазкур маҳсуб ёфта, бартараф намудани он метавонад як қатор мушкилиҳои ҳаётан муҳими ҷомеаро аз байн бардорад. Дастрасии аҳолии шаҳри Норак ба оби нӯшокӣ бошад, ба таври умумӣ 82,5 % - ро ташкил дода, 17,5% аҳолӣ аз норасогии оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд.




Барои таъмини аҳолии шаҳр, маҳаллаҳои атроф, корхонаю муассисаҳо бо оби нӯшокӣ ва хизматрасонии обҳои коррезӣ дар шаҳр КВД "Обҳои нӯшокӣ ва коррезӣ" фаъолият менамояд. Хоҷагии мазкур соли 1970 таъсис ёфта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2014 ба зиммаи КВД «Обҳои нӯшокӣ ва коррезӣ»-и ш. Норак вогузор карда шудааст. Шумораи умумии кормандони корхона 148 нафарро ташкил медиҳад.

Дар тавозуни корхона 2 адад обанбори оби нӯшокӣ (дар маҳаллаҳои Лангар ва Тутқавул), 3 адад истгоҳи обкаши оби нӯшокӣ, 1 адад истгоҳи обкаши обҳои коррезӣ ва 1 иншооти обтозакунии обҳои коррезӣ (дар деҳаи Чал-чал) мавҷуд аст.

Дарозии умумии шабакаҳои оби нӯшокӣ 50,2 км ва шабакаҳои оби коррезӣ 47,3км-ро ташкил медиҳад.

Яке аз мушкилиҳои марказии соҳа набудани дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои асосии обгирӣ, аз кор баромадани насосҳои обкашӣ, набудани системаи обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёд ва ё аз кор баромадани системаҳои мавҷуда дар дигар мавзеъҳо ба ҳисоб меравад.

Кори насосҳо қисман мавсимӣ буда, аксарияти онҳо доимоамалкунанда мебошанд. Бинобар гарон будани қисмҳои эҳтиётӣ ва норасогии воситаҳои молиявӣ на сохторҳои мавҷуда ва на худи корхона имконияти азнавсозии иншоотҳои мавҷударо надоранд.

Аксарияти истгоҳҳо ва иншоотҳои обкаш аслан дар солҳои 70-80-уми асри гузашта сохта шуда, бинобар солҳои тӯлонӣ истифода гардидан ва сари вакт таъмири асосӣ нагузаронидан фарсуда шуда, таъмирталаб мебошанд. Бинобар ин, зарурати иваз намудани таҷҳизот ва қубурҳои мавҷуда ба миён омадааст.

Як хусусияти хоси сохтори мавҷуда нисбат ба дигар сохторҳои ноҳияҳои ҳамсоя дар он зоҳир мегардад, ки хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ ва обу коррезии хонаҳои баландошёнаи маркази шаҳр аз ҷониби хоҷагии истифодабарии шабакаҳои муҳандисӣ ба анҷом расонида шуда, аммо пардохти ҳаққи хизмат ба идораи манзилию коммуналӣ мегузарад.

Дар тавозуни хоҷагӣ 2 адад обанбори оби нӯшокӣ (дар маҳаллаҳои Лангар ва Тутқавул), 3 адад истгоҳи обкаши оби нӯшокӣ, 1 адад истгоҳи обкаши обҳои коррезӣ ва 1 иншооти обтозакунии обҳои коррезӣ (дар деҳаи Чал-Чал) мавҷуд аст. Дарозии шабакаҳои оби нӯшокӣ 52,2 км ва шабакаҳои оби коррезӣ 47,3 км– ро ташкил медиҳад.

__________***Ҷадвали №1. Сатҳи обрасонӣ ба аҳолии шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳот***

| № | Қитъаи обрасонӣ | Теъдоди хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷамоатҳо (ҳаз.нафар) | Аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ дошта (ҳаз.нафар) | Аҳолие, ки бо оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд (ҳаз.нафар) | % таъминот (дастрасӣ) бо оби нӯшокӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пули Сангин | 1362 | 11,7 | 10,0 | 1,7 | 85,5 |
| 2 | Дӯконӣ | 1720 | 15,0 | 7,7 | 7,3 | 51,3 |
| 3 | Маркази шаҳр | 6645 | 24,7 | 24,7 | - | 100,0 |
| | Ҷамъ: | 9727 | 51,4 | 42,4 | 9,0 | 82,5 |

Яке аз мушкилиҳои марказии соҳа набудани дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои асосии обгирӣ, аз кор баромадани чоҳҳои артезианӣ ва насосҳои обкашӣ, набудани системаи обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёд ва ё аз кор баромадани системаҳои мавҷуда дар дигар мавзеъҳо ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин дар ҷамоатҳои деҳот деҳаҳое мавҷуданд, ки қисман дастрасӣ ба оби нӯшокӣ надоранд. Ин мушкилиро дар Ҷамоати деҳоти Дӯконӣ деҳаҳои Чал-Чал, Чортут, Чашмаи 1 -2, Туғмазор 4 -5, Дӯконӣ 2, Даҳана 1-2, Хучалонӣ, Кишнова, Гули Сурх, Хоҷаабдолон, Навде, Ғофилобод, Кӯли Лахча, Ҷамоати деҳоти Пули Сангин деҳаҳои Тутқавул, Дӯстӣ ва Далдахӯрон мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар шаҳр 18 адад (16,7% корношоям) насосҳои обкашӣ ва 48 км. (27 % корношоям) хатҳои обрасонӣ мавҷуд аст, ки аксарияти онҳо дар ҳолати корношоям қарор доранд.

| № | Қитъаи обрасонӣ | Насосҳои обкашӣ | |
|---|---|---|---|
| | | Теъдод (адад) | Аз ҷумла корношоям |
| 1 | Пули Сангин | 4 | 2 |
| 2 | Дӯконӣ | 7 | 2 |
| 3 | Маркази шаҳр | 7 | 3 |
| | Ҷамъ | 18 | 7 |

Кори насосҳо қисман мавсимӣ буда, аксарияти онҳо доими амалкунанда мебошанд. Бинобар гарон будани қисмҳои эҳтиётӣ ва норасогии воситаҳои молиявӣ на сохторҳои мавҷуда на худи ҷамоатҳои деҳот имконияти азнавсозии иншоотҳои мавҷударо надоранд.

Аксарияти истгоҳҳо ва иншоотҳои обкашӣ аслан дар солҳои 70-80 – уми асри гузашта сохта шуда, бинобар солҳои тӯлонӣ истифода гардидан ва сари вақт таъмири асосӣ нагузаронидан фарсуда шуда, таъмирталаб мебошанд. Бинобар ин зарурати иваз намудани таҷҳизот ва қубурҳои мавҷуда ба миён омадааст.

**Сатҳи хизматрасонии соҳа дар тӯли солҳои 2011-2013**

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 |
| 1. | Шумораи умумии муштариён: | | | | |
| - | Аҳолӣ | нафар | 35907 | 36835 | 37000 |
| - | Ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 26 | 27 | 27 |
| - | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 66 | 89 | 92 |
| 2. | Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла: | Ҳазор сомонӣ | 256015 | 359040 | 361665 |
| - | Аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 82266 | 149040 | 168894 |
| - | Ташкилотҳои буҷавӣ | Ҳазор сомонӣ | 110717 | 74771 | 70000 |
| - | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | Ҳазор сомонӣ | 63032 | 135229 | 122771 |
| 3. | Қарзи муштариҳо дар назди корхона, аз ҷумла: | Ҳазор сомонӣ | - | 36598 | 33000 |
| - | Аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | - | - | - |
| - | Ташкилотҳои буҷавӣ | Ҳазор сомонӣ | - | 36598 | 33000 |
| - | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | Ҳазор сомонӣ | - | - | - |
| 4. | Нархи об (1м3) | дирам | 8,5 | 12,0 | 12,0 |
| - | Аҳолӣ | дирам | 8,5 | 12,0 | 12,0 |
| - | Ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 8,5 | 12,0 | 12,0 |
| - | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 8,5 | 12,0 | 12,0 |
| 5. | Истеҳсоли шабонарӯзии об | Ҳазор $м^3$ | 18,0 | 18,0 | 18,5 |
| 6. | Талафоти умумӣ | % | 34 | 34 | 37 |

Яке аз сабабҳои асосии қарздории ташкилотҳои буҷетӣ дар назди корхона ин паст гардидани қобилияти пардохтпазирии онҳо мебошад.

Сабабҳои асосии баланд будани талафот агар аз як тараф кухнаю фарсуда будани қубурҳои мавҷуда бошад, аз дигар тараф набудани ҷумакҳо ва ҳисобкунакҳои обченкунӣ дар байни аҳолӣ ва ташкилотҳо мебошад.

Дарозии умумии хати обу коррезии шаҳр то истгоҳи обтозакунӣ 12,0 км-ро ташкил дода, бинобар солҳои тӯлонӣ истифода шудан аксарияти қубурҳои мавҷуда корношоям гардида, садамаҳои пай дар пай ба

мушоҳида мерасад. Илова бар ин бо назардошти сохтмони биноҳои нави баландошёна ғунҷоиши қубурҳое, ки барои солҳои 70-уми асри гузашта пешбинӣ гардида буд, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест. Ҳамзамон, аксарияти қубурҳои тагхонаҳои истиқоматӣ дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

**Гармитаъминкунӣ.** Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Норак тамоми системаи гармидиҳии шаҳр тавассути маркази гармидиҳии барқӣ ва дегхонаҳои муми моеъ (мазут) сурат мегирифт. Ҳангоми кор кардани маркази гармидиҳӣ ва дегхонаҳо сарфаи нерӯи барқ барало эҳсос гардида, дар таъмини аҳолӣ бо гармӣ мушкилие вуҷуд надошт. Дар натиҷаи ба вуқуъ омадани ҷанги шаҳрвандӣ маркази мазкур ва дегхонаҳо аз фаъолият боз монда, аксарияти қисмҳои эҳтиётӣ ва хатҳои гармидиҳӣ айни замон корношоям гардидаанд. Илова бар ин дар давраи бекор мондани маркази гармидиҳии барқӣ ва дегхонаҳо аҳолии шаҳр қубурҳо ва системаи мавҷударо канда несту нобуд гардониданд. Дар натиҷаи барқарор кардани маркази зикргардида ва дегхонаҳо мушкилии таъминоти аҳолӣ бо гармӣ бартараф гардида, дар ин замина масрафҳои иловагии нерӯи барқе, ки аҳолӣ дар алоҳидагӣ масраф мегардид, сарфа мегардад. Барои барқарор намудани маркази гармидиҳии барқӣ нерӯ ва имконоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва худи аҳолӣ намерасад. Дар ин самт ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ зарур мебошад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- куҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои оби нӯшокӣ ва коррезӣ;
- сари вақт насупоридани ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ;
- тез-тез аз кор баромадани системаҳои оби нӯшокӣ;
- баланд будани талафоти об;
- норасогии воситаҳои техникӣ;
- таъмирталаб будани бино ва иншоотҳо;
- норасогии воситаҳои молиявӣ;
- таъмир ва азнавсозии иншоотҳои обтаъминкунӣ ва обтозакунӣ;
- кам будани нуқтаҳои ахлотпартоӣ;
- аз кор баромадани системаи гармидиҳии шаҳр.

**4.2. КВД "<u>Хоҷагии манзилию коммуналӣ".</u>** Дар шаҳри Норак хизматрасонии асосии манзилию коммуналӣ, аз ҷумла нигоҳдории фонди манзил, тозагию ободонӣ, кабудизоркунӣ, равшаннамоӣ ва дигар корҳои ба ин самт дахлдорро идораи КВД "Хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Норак ба анҷом мерасонад. Идораи мазкур соли 1963 таъсис ёфта, дар тобеияти худ 4 минтақаи манзилӣ, 1 минтақаи таъмирию сохтмонӣ, 1 минтақаи кабудизоркунӣ, 1 сехи барқӣ, 1 хоҷагии лифт ва 2 хобгоҳ дорад.

Шумораи умумии кормандон 219 нафарро ташкил дода, ба 13,0 ҳазор нафар муштариён, 36 адад корхонаю ташкилот ва 148 адад нуқтаҳои савдо хизмат мерасонанд. Тоза ва кашонидани партовҳо, корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тайёрӣ ва ҷашнгирии маъракаҳои сиёсию оммавӣ, ороиши кӯчаҳои шаҳр бо шиору навиштаҷот, таъмири системаи равшандиҳии кӯчаҳо, дархости шаҳрвандон ба зиммаи коргарони идора гузошта шудааст.

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ дар соли 2013 796,7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2011- 455,9 ҳазор сомонӣ ва ё

338,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Қарзи муштариён дар назди корхона дар соли 2013 - 36,8 ҳазор сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2011-51,8 ҳазор сомонӣ ва ё 15 % зиёд мебошад. Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила дар соли 2013 - 7,3 сомониро ташкил медиҳад.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузоштаишуда ғайриимкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳҳо таъмир карда мешаванд.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи шаҳр дар тӯли солҳои 2011-2013 ба ҳисоби миёна 1,29 м³ - ро ташкил медиҳад.

Корхона ба ҷуз аз истиқоматкунандагони шаҳр боз бо 36 адад корхонаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад, ки ҳаҷми партовҳои аз корхонаҳои мазкур баровардашаванда 23 % ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.




Мушкилиҳои асосии ин соҳа норасогии техника, ба хусус васоити техникии коммуналии ҳозиразамон, паҳн гардидани касалиҳои сироятӣ аз ҳисоби истеъмоли оби нӯшокии ифлос, кам будани қуттиҳои ахлотпартоӣ, паст будани музди меҳнати коргарон ва баланд будани нархи сӯзишворӣ мебошад, ки ин ҳама ба баланд гаштани нархи хизматрасонӣ оварда расонидааст.

Партовгоҳи марказӣ дар масофаи 6 км дур аз шаҳр ҷойгир шуда, аз се як ҳиссаи роҳи он таъмири асосиро талаб менамояд. Илова бар ин нуқтаҳои ахлотпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омадааст. Бар замми ин бинобар боришоти зиёди пай дар пай каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Шумораи умумии хонаҳои истиқоматии дар тавозуни идорабуда 164 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 1 ошёна 14 адад, 2 ошёна 73 адад (аз ҷумла, 66 адад ҷӯбу тахтагин), 4 ошёна 72 адад, 9 ошёна 5 адад ва 2 адад хобгоҳи 4 ошёна мебошад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад: 90,4 % (66 адад) – и шумораи умумии хонаҳои 2-ошёна, ки солҳои 1963 – 1970 аз масолеҳи ҷӯбу тахта сохта шуда, муҳлати истифодабариашон кайҳо ба охир расидааст, ҳоло ба таъмиру азнавсозӣ ниёз дошта, дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Барои ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ ва кашонидани партовҳо ба идораи манзилию коммуналӣ 5 адад мошини боркаш ва 1 адад

трактор хизмат мерасонад, ки ҳамаи инҳо иҷора гирифта шудаанд. Дар вақтҳои зарурӣ бо назардошти талабот аз тарафи хоҷагии нақлиётии НБО–и Норак 1 адад мошини ахлоткашонии махсус ва 1 адад мошини обпошӣ ҷудо карда мешавад.

Мутаассифона, бо назардошти он ки муассисаи мазкур тобеи хоҷагии нақлиётии НБО–и Норак аст ва дар он базаи моддию техникии мустаҳками соҳавӣ мавҷуд нест, бинобар ин дар тавозуни худ идораи манзилию коммуналӣ ягон адад техникаи махсуси зарурӣ надорад ва тавассути иҷораи техника фаъолияти худро пеш мебарад, ки ба арзиши хизматрасонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар натиҷаи таъмини идораи манзилию коммуналӣ бо техникаю мошинҳои лозима сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳа беҳтар мегардад.

Дар тавозуни ИМК инчунин 14,8 км роҳҳои мошингарди аҳамияти ноҳиявӣ дошта, 24,0 км роҳҳои мошингарди назди биноҳо, 26,0 км роҳҳои пиёдагард, 18 км каналҳои обпарто ва 3,5 га партовгоҳи марказӣ мавҷуд аст. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 38,0 га - ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2013 барои фаъолияти идораи манзилию коммуналӣ аз ҳисоби маблағҳои НБО – и Норак 3791,4 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2011 - 1929,6 ҳазор сомонӣ ва ё 96,5 фоиз зиёд мебошад.Маблағҳои дар ин давра ҷудогардида асосан барои пардохти музди меҳнат ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст. Барои рушди соҳа дар 3 соли охир аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ҳамаи сатҳҳо ягон маблағ ҷудо нагардидааст.

Хароҷоти асосие, ки дар ин самт аз ҳисоби идораи манзилию коммуналӣ ба анҷом расонида мешавад, аз ҳисоби маблағҳои ҷамъовардашудаи ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ сурат мегирад, ки ҳаҷми он дар соли 2013 - 794,6 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 338,7ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин нарасидани воситаҳои техникӣ (мошинҳои обпошак), нарасидани воситаҳои молиявӣ, низоми сусти мониторинг ва истифодаи усулҳои пешқадами парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ва дигар гулҳои ороишӣ мебошад.

***4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ.*** Дар шаҳри Норак муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилӣ (МДНРА) фаъолият менамояд, ки шумораи умумии кормандони он 45 нафарро ташкил медиҳад. Дар тавозуни худ 134,34 км роҳ, аз ҷумла 66,3 км роҳҳои маҳаллӣ, 22,75 роҳҳои байналмилалӣ ва 45,29 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта дорад.



**Намуди пӯшиши роҳҳо ба сурати зерин мебошанд%**

Роҳҳои асфалту бетонпӯш 127 км.

Роҳҳои сангфарш 7 км.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ мебошад. Бинобар солҳои дароз истифода гардидан ва сари вақт нагузаронидани таъмири асосӣ аксарияти қисматҳои роҳҳо ба таъмири асосию ҷорӣ ниёз доранд. Чунин мушкилиро бештар дар маҳаллаҳои Тутқавул, Кибил, Братск, Энергетик ва чорроҳаи Норак-Чашма дидан мумкин аст.

Ба ғайр аз ин ба зиммаи идораи мазкур 7 адад кӯпрук, ҷӯйборҳои ду тарафи роҳ, аломатҳо, таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо гузошта шудааст. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин ҳолати ногувори кӯпрукҳо мебошад. Бинобар дар ҳолати садамавӣ қарор доштани кӯпруки назди маҳаллаи Электрон рафту омади аҳолии шаҳр ба ин самт кам шуда, ба таъмиру азнавсозии фаврӣ ниёз дорад.



**<u>Ҳолати техникӣ.</u>** Дар парки автомобилии корхона 8 адад техникаи махсусгардонидашуда мавҷуд мебошад, ки аз ин 2 адад автогрейдер, 1 адад мошини борбардор, 1 адад трактори Т-150, 1 адад трактори С-100, 1 адад трактори МТЗ-80 ва 2 адад автомобили боркаш мебошад. Ҳамаи техникаҳои мавҷуда аз таъмир бароварда шуда, дар ҳолати корӣ қарор доранд.

Дар шаҳр 3 муассисаи нақлиётӣ буда, дутоаш фаъолият менамояд. Ғайр аз ин дар шаҳр ду хоҷагии нақлиётии автомобили боркашӣ ва мусофиркашӣ дар назди нерӯгоҳҳои Нораку Бойғозӣ ва як хоҷагии нақлиётии автомобилии дигар дар назди ҶСШК «НоракИБОсоз» фаъолият менамоянд. Инчунин дар шаҳр 2 терминали мусофиркашонӣ мавҷуд аст, ки терминали «Бурс» ба самтҳои байнишаҳрӣ ва терминали «Хизматрасон» ба самтҳои дохили шаҳрӣ хизмат мерасонанд. Тамоми масолеҳ ва маҳсулоти ниёзи мардум ба воситаи нақлиётҳои автомобилӣ кашонида мешавад.




Дар соли 2013 ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар қиёс ба соли 2011 мутаносибан 126,4 фоиз ва 184 фоиз афзоиш ёфтааст.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо;
- норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо;
- норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо, махсусан роҳҳои маҳаллӣ;
- таъмирталаб будани техникаи мавҷуда.

**4.4. *<u>Таъмини барқ ва газ.</u>*** Шабакаҳои барқӣ ва зеристгоҳҳои (ШБЗИ) шаҳри Норак соли 1969 ташкил шуда, дар тавозуни худ 2 адад зеристгоҳи барқии шиддати 220 кВ, 6 адад зеристгоҳи шиддати 35-кВ, 140 адад зеристгоҳҳои трансформаторӣ ва зеристгоҳҳои трансформатори комплектии 6-кВ дорад. Муассисаи мазкур соли 2007 бо фармони ШСХК “Барқи Тоҷик” аз 28 ноябри соли 2006, №152 аз тобеияти шабакаҳои барқии марказии ш.Душанбе ба тобеияти НБО-и Нораки ба номи Т.Улҷабоев гузаронида шуда буд, аз 1 октябри соли 2013 аз тобеияти НБО-и Нораки ба номи Т.Улҷабоев ба тобеияти шабакаҳои барқии марказии ш.Душанбе гузаронида шуда, то ин ҷониб арзи вуҷуд дорад. Самти асосии фаъолияти муассиса бо нерӯи барқ таъмин намудани аҳолӣ, сохторҳои мавҷуда ва соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр мебошад.

Дарозии хатҳои барқии ҳавоӣ 6 кВ 97,9 км, хатҳои ҳавоии 0,4 кВ 110,6 км, хатҳои зеризаминӣ 6 кВ 11,3 км, хатҳои зеризаминӣ 0,4кВ 26,06 км – ро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди шаҳр 2 нерӯгоҳи азими кишвар НБО– ҳои Норак ва Бойғозӣ мавҷуд аст, ки 85 фисади барқи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшавандаро тавлид менамоянд. Новобаста аз ин, аҳолии деҳоти шаҳри Норак дар фасли зимистон дар як шабонаруз танҳо 17 соат бо нерӯи барқ таъминанду халос.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт дида мешавад, ин аз меъёр зиёд истифода намудани нерӯи барқ мебошад. Дар айни замон зеристгоҳҳои мавҷуда бо назардошти аз кор баромадани системаҳои гармидиҳии мавҷудаи шаҳр ва дар фасли зимистон аз меъёр зиёд истифода бурдани нерӯи барқ талаботи рӯзафзуни аҳолиро пурра ва саривақт бо нерӯи барқ таъмин карда наметавонанд.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда аз ҷониби ШБЗИ соли 2012 дар истгоҳи трансформатории (ИТ)-6/0,4 кВ (маҳаллаҳои Кибил, Лангар ва Деҳи Сабур) иваз намудани трансформаторҳои тавоноияш паст ба тавонии баландтар ба нақша гирифта шудааст. Новобаста аз ин, ҳоло зарурияти аз нав таҷдид (реконструксия) намудани зеристгоҳи 35/6 кВ ба миён омадааст.

Мушкилии дигаре, ки ба назар мерасад, ин куҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқи ҳавоӣ, зеризаминӣ ва симчубҳои хатҳои интиқоли барқ маҳсуб меёбад. Аксари хатҳои интиқоли барқ солҳои 70-уми асри гузашта сохта шуда, дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилиро дар ин самт боз ҳам вазнинтар мегардонад. Илова бар ин, бинобар сол то сол зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва ташкили маҳаллаҳои навбунёд талабот низ ба нерӯи барқ зиёд гардида истодааст. Мушкилии асосии норасогии нерӯи барқро бештар дар маҳаллаҳои навбунёди Чал-Чал, Яхпул ва Кибил дидан мумкин аст.

**Нишондиҳандаҳои асосии соҳа дар тӯли солҳои 2011-2013**

| № | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *Солҳо* | | | *Соли 2013 нисбат ба соли 2011 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2011* | *2012* | *2013* | |
| *1* | *Фурӯши умумии барқ* | *Ҳазор сомонӣ* | *9152,1* | *12260,1* | *10551,3* | 115,3 |
| | *Аз ҷумла,<br>- ба аҳолӣ,* | *Ҳазор сомонӣ* | *2816,3* | *3755,1* | *3853,2* | 136,8 |
| | *- ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ* | *Ҳазор сомонӣ* | *6335,7* | *8804,6* | *8482,1* | 133,9 |
| *2* | *Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна),* | *дирам* | *10,55* | *11,98* | *11,83* | 112,1 |
| | *- ба аҳолӣ* | *дирам* | *9* | *11,0* | *11,0* | 122,2 |
| | *- ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ* | *дирам* | *11,48* | *12,91* | *12,37* | 107,8 |
| *3* | *Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла,* | *ҳазор сомонӣ* | *1347,5* | *1822,6* | *2285,7* | 169,6 |
| | *- аҳолӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *1019,0* | *1172,2* | *1261,2* | 123,8 |
| | *- ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *328,4* | *650,4* | *1024,5* | 312,0 |
| *4.* | *- талафоти умумӣ* | *%* | *19,0* | *14,5* | *13,6* | 71,6 |

Ҳаҷми фурӯши нерӯи барқ дар соли 2013- 10551,3 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 1399,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, ки ба тағйирёбии вазъи демографӣ ва афзоиши рӯзафзуни талаботи аҳолӣ алоқаманд аст. Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин сол то сол зиёд гардидани қарзи истифодабарандагони нерӯи барқ мебошад. Қарздории

асосӣ ба души аҳолӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2013 -1261,2 ҳазор сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 242,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ ин сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, паст будани музди меҳнат ва паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ мебошад. Мушкилии дигари соҳа ин баланд будани ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, куҳнаю фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва аз тарафи дигар, норасогӣ ва аз кор баромадани ҳисобкунакҳои барқии мавҷуда таъсири манфӣ расонидааст.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

– куҳнаю фарсуда шудани хатҳои барқи ҳавоӣ;
– мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо;
– корношоям гардидани симчубҳои хатҳои интиқоли барқ;
– сол то сол зиёд гардидани қарздории аҳолӣ дар назди корхона;
– баланд будани талафоти нерӯи барқ;
– норасогии ҳисобкунакҳои электронӣ.

**Таъмини газ.**Дар самти таъминоти газ дар шаҳри Норак шуъбаи газтаъминкунӣ фаъолият менамояд. Қаблан шаҳри Норак тавассути шаҳри Душанбе гази табииро ба аҳолӣ таъмин мекард. Солҳои охир ба сабаби ворид нагардидани гази табиӣ аз Душанбе дар шаҳр системаи таъминоти гази табиӣ амал намекунад. Дар ҳудуди шаҳр нуҳ нуқтаи фурӯши гази моеъ мавҷуд аст.

Тамоми аҳолии шаҳр ҳамчун алтернатива барои гарм кардани хонаҳо аз ангишт, хокаи ангишт, ҳезум ва нерӯи барқ истифода мебаранд. Ҳезум асосан аз ҳисоби буридани дарахтони бисёрсолаи талу теппа ва дигар буттаҳои саҳроӣ захира карда мешавад, ки ин ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, дар бисёр мавридҳо боиси рух додани офатҳои табиӣ мегардад.

**4.5.Алоқа ва фазои иттилоотӣ.**Филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и шаҳри Норак яке аз корхонаҳои бонуфузи алоқаи шаҳр мансуб меёбад. Шумораи умумии кормандон 27нафарро ташкил медиҳад. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии соҳа айни замон дар ҳудуди шаҳр 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 5024 рақама ва 1 адад нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ амал мекунад. Дар айни замон дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 42,8 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 3533 ададро ташкил медиҳад.

Сокинони шаҳр аз шабакаҳои мобилии «ТСЕЛ», «Вавилон», «МЛТ», «Билайн» ва «Тоҷик-Мобайл»Вавилон ТҶ ва ТК Мобайл истифода мебаранд.

Шумораи муштариёни корхона дар соли 2013 3461 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 621 нафар зиёд мебошад. Ба ин нигоҳ накарда то ҳол дар баъзе мавзеъҳо хатҳои телефонӣ мавҷуд нест. Аз ҷумла, ин мушкилиро дар деҳаҳои Навде, Чал-Чал ва Найзирак эҳсос намудан мумкин аст. Барои таъмини аҳолии деҳаҳои номбурда ба хадамоти телефонӣ харидорӣ намудани симчӯбҳо, кабел (кабелҳои 20п/р, 30п/р, 50п/р барои истифода дар лоиҳа) ва дигар намуди таҷҳизоти алоқавӣ зарур аст.

Дар баробари ин ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и шаҳр хизматрасонии интернетиро ба муштариён пешниҳод менамояд. Шумораи умумии истифодабарандагони (муштариёни) ин намуди хизматрасонӣ дар соли 2013 аз ҳисоби аҳолӣ 20  нафар ва аз ҳисоби ташкилотҳо  2  ададро ташкил дод.

Дар қаламрави шаҳр барномаҳои телевизионӣ (ТВТ, ТВ Сафина, Баҳористон ва Ҷаҳоннамо) ва радиои Тоҷикистон пахш карда мешаванд.

Фарогирии барномаҳои телевизионӣ 95 фоиз ва радиои маҳаллӣ 20 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Инчунин дар ҳудуди шаҳр марказҳои хусусии хизматрасонии интернетӣ фаъолият мекунанд.

Радиои маҳаллӣ дар шаҳр аз соли 1960 фаъолият менамояд. Силсилагуфторҳо ҳафтае ду-се маротиба ба аҳолӣ шунавонида мешавад. Хизматрасонии техникии студияи радиошунавонии маҳаллиро муҳандисони ботаҷрибаи филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и шаҳр таъмин месозанд. Саҳми радиои маҳаллӣ имрӯз низ дар сохтори давлат ҳамчун тарғиботгар ва ба дараҷаи баланди сиёсию фарҳангӣ тарбия намудани шаҳрвандон хеле калон мебошад.

Ба ғайр аз ин дар ҳудуди шаҳр дар як моҳ як маротиба рӯзномаи «Нури Норак» нашр карда мешавад. Теъдоди солонаи рӯзномаи мазкур 18 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин набудани матбааи худӣ мебошад. Бинобар дар шаҳри Душанбе нашр шудани рӯзномаҳо арзиши аслии онҳо гарон мегардад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- таъмин набудани баъзе маҳаллаҳо бо алоқаи телефонӣ;
- набудани матбааи худӣ;
- норасогии воситаҳои молиявӣ барои азнавсозии таҷҳизот.

# БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

Таи солҳои 2011-2013 дар шаҳри Норак 6 ҳолати фавқулодда ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми се соли охир хисороти аз офатҳои табиӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ расида 124,0 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин ҳам бошад ба соли 2011 рост меояд. Аз ҳама бештар хисороти расонидашуда таи солҳои охир ба соли 2014 рост меояд ҳаҷми он 740,0 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин ба 2,9 фоизи нақшаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ баробар аст.

Яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр дар солҳои минбаъда ин дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ аст, зеро 8 деҳаи аҳолинишини шаҳр дар мавзеи хатарнок ҷойгир мебошанд. Дар мавзеъҳои хатарнок 1,2 фоизи аҳолии шаҳр истиқомат доранд (200 нафар хоҷагӣ ).

Офатҳои табиӣ, ки ҳамасола ба аҳолии шаҳр хатар дорад, ин селҳо, обхезиҳо, ярчҳо, жола, хунукиҳои сахт, боронҳои шадид мебошад. Барои паст намудани хатари офатҳои табиӣ таи панҷ соли оянда дар доираи барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст.

Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда дар давраи солҳои 2011-2013 аз рӯи иншоотҳо дар ҷадвали №3 инъикос шудаанд. Хисороти зиёд ба инфрасохтор, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва кишоварзӣ рост меояд. Зарари бештар аз ҳисоби тарма (боришоти барф), хунукӣ ва селҳо ба вуҷуд омадааст.

**Ҷадвали №3 .**

| *Иншоотҳои зарардида* | *Маблаги зарар, ҳаз.сомонӣ* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | *с. 2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *ҳамагӣ* |
| *Хонаҳои истиқоматӣ* | *48,4* | | | *350,0* | 398,4 |
| *Мактабҳо, муассисаҳои томактабии кӯдакона* | *0,7* | | | | 0,7 |
| *Дармонгоҳҳо ва беморхонаҳо* | | | | | |
| *Иншоотҳои ёрирасон* | *54,1* | | | | 54,1 |
| *Иншоотҳои фарҳангӣ – маишӣ* | | | | | |
| *Роҳҳои нақлиётӣ* | | *2,7* | | *12,0* | 14,7 |
| *Пулҳо* | | | | *195,0* | 195 |
| *Хати алоқа* | | | | | |
| *Хати интиқоли барқ* | *1,8* | | | | 1,8 |
| *Хатҳои обёрӣ ва наҳрҳо* | | | | *105,0* | 105 |
| *Стансияҳои насосӣ ва гидроиншоотҳо* | | | | | |
| *Хатҳои қубурҳои обу ташноб* | | | | | |
| *Кишоварзӣ* | *2,1* | | | *78,0* | 80,1 |
| *Дигар иншоотҳо* | *16,3* | | | | 16,3 |
| *Ҳамагӣ* | *123,4* | *2,7* | | *740* | 866,1 |

Аз соли 2011 то шаш моҳи соли 2014 хисорот аз ҳама бештар дар қиёси фоизӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва аҳолии шаҳр расидааст, ки маблағи умумии он 864,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Норак ҳамагӣ 2 ҷамоати деҳот вуҷуд дорад, ки дорои ҳудудҳои хавфноки геологӣ мебошад. Аз 43 деҳа 8 -тояш дар зери таҳдиди хавфи табиӣ қарор дорад. Шумораи хоҷагиҳои хонагие, ки дар минтақаи хавфнок ҷойгиранд, 534 ададро ташкил медиҳанд, ки ба 18,4% ҳамаи хоҷагиҳои хонавода баробар аст. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 5056 нафар умр ба сар мебаранд.

**Ҷадвали № 5.**

| № | Номгӯй | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда | Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дӯконӣ | 38 | 6 | 16 |
| 2 | Пули Сангин | 5 | 2 | 40 |
| 3 | Маркази шаҳр | - | - | - |

Дар ҷадвали № 6 номгӯи равандҳои табиии ба деҳаҳо таҳдидкунанда пешниҳод шудааст. Асосан офатҳои таҳдидкунанда сел, ярч ва равандҳои эрозиягӣ мебошанд. Чунин ҳолатҳои фавқулодда, ба монанди борон, барф ва барфбории зиёд дар тамоми ҳудуди шаҳр ба назар мерасад.

**Ҷадвали № 6**

| Ҷамоат | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Дуконӣ | Пехо | Сел-ярч | Пули Сангин | Кибил | Ярч-сел |
| | Ғофилобод | Сел-ярҷ | | Далдахурон | Сел-ярҷ |
| | Наӣ Зирак<br>Кишнова<br>Чинор<br>Сафедоб | Сел-ярч | | | |

Дар сурати ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда сохтори омодабошӣ ва эътиноии шаҳри Норак чунин пешбинӣ шудааст.

Айни замон дар шаҳри Норак 11 адад хадамоте мавҷуд аст, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд. Дар поён рӯйхати муассисаҳои мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст.

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
|---|---|---|
| **Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком»)** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа - 1 адад<br>Асбобҳои бонги баланд – 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) - 12 адад<br>Мошинаи borкашӣ -1адад.<br>Маводи сӯхт ва молиданӣ - 4,5 тонна.<br>Симчӯбҳо-500 адад. | Сӯзишвории дизелӣ – 100 л.<br>Равгани дизелӣ – 40л. | Муҳаррик (генератор) - 1 адад<br>Ноқил -10,5 км. |
| **Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| | | |
| **Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ-57 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ 3 адад<br>Автомашинаи зинадор 1 адад<br>Автомашинаи фаврии хизматӣ 1 адад | Рудаи оташнишонии диаметраш 125 6-адад -24 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 77-320метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 66-300метр<br>Маҳлули кимиёвии кафкунанда 3000литр<br>Асбоби фишурдаи ҳаводиҳӣ АСБ-2 10 адад | Автомашинаи сӯхторхомӯшкунии намуди асосӣ –2 адад.<br>Либоси муҳорибавӣ 15 адад<br>Автомашинаи борбар 1 адад |
| **Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маълумот пешниҳод нашудааст | | |
| **Хадамоти коммуналӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 120 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 -1 адад<br>Трактор Т-МТЗ -80-адад<br>Автомашинаи ЗИЛ-1 адад<br>Автомашинаи МАЗ-адад<br>Бригадаи зудамал -10 нафар<br>Гуруҳи наҷотдиҳандагон 16 нафар<br>Гуруҳи омодабоши корҳои техникӣ - 12 нафар | Вуҷуд надорад | МСМ (ГСМ) – 5 тонна<br>Автомашинаи АСМ – 1 адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ – 1 адад<br>Трактори Т 28 - 1 адад<br>Трактори намуди МТЗ 80 - 1 адад |
| **Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |

| | | |
|---|---|---|
| *Ҳайати шахсӣ – 31 нафар*<br>*Автомашинаи сабукрав – 1 адад*<br>*Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад*<br>*Яхдон - 8 дона* | *Гипохлорид 124кг*<br>*Хлор – 150кг* | *Гиперхлорид – 124 кг.*<br>*Дез. камераи сайёҳр – 1 адад .*<br>*Дистиллятор – 1 адад*<br>*Либосҳои махсус – 18 ҷуфт* |
| *Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Маълумот пешниҳод нашудааст* | | |
| *Хадамоти энергетикӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ – 106 нафар*<br>*Автомашинаи ГАЗ-66 1 адад*<br>*Автомашинаи УАЗ -1адад*<br>*Трактор Т-40 – 1 адад*<br>*Зеристгоҳи 35/10кв - 3 адад*<br>*Зеристгоҳи 35/0,4 кв-90 адад*<br><br>*Хати интиқоли барқ,*<br>*35 кВ – 39,12 км*<br>*10 кВ – 481 км*<br>*0,4 кВ – 299,1- 15 км*<br><br>*Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 16 ҷуфт*<br>*Сӯзишворӣ – 2 тонна*<br>*Равгани техникӣ – 500 литр* | *Сими алюминӣ намуди,*<br>*А-50-250 кг*<br>*А – 35 – 70 кг*<br>*А – 70 – 40 кг*<br>*Изолятори ШФ -10кв -50 адад*<br>*Изолятори ТФ-20*<br>*50 адад*<br>*Изолятори ИПТ-160-0,4. 4адад*<br>*Муҳофизаткунандаи ПН-400А-30 дона*<br>*Санчокак 1/160*<br>*6 дона*<br>*Изолятори ИП - 10кв*<br>*20 дона* | *Симчӯбҳо – 300 дона*<br>*Сӯзишворӣ – 6 тонна*<br>*Равгани техникӣ – 1000 л*<br>*Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-10 – 20 адад*<br>*Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 30 ҷуфт*<br>*Ноқили барқии А – 50 – 2 т*<br>*Трансформаторҳо -160кв -2адад*<br>*Трансформаторҳо-250кв - 2адад .*<br>*Ноқили АПВ-35-50-70 1000 м .*<br>*Фулузоти варақагӣ (Катенка) 50 кг*<br>*Гӯшаи оҳанӣ (Уголок) -63-63 700 кг*<br>*Электрод - 80 кг* |
| *Хадамоти тиббӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Мошини ёрии таъҷилӣ - 3 адад* | *Сӯзандору –аз ҷумла*<br>*2,0 гр -100 ад,5,0гр - 100 ад, 10,0гр- 100 ад, 20 гр -100 ад, Бинт 200 дона, пахта -200 дона, маҳлули спиртӣ -50 фл.* | *Маводҳои зарурияти аввалияи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ*<br>*Муҳаррик (генератор) - 2 адад*<br>*Дефлиблирятор- 2адад*<br>*Дастгоҳи ИВЛ-ро 6- 1адад* |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Хадамоти савдо ва озуқа* | *Эҳтиёҷот* |
| *Маълумот пешниҳод нашудааст* | *Захираҳои мавҷуда* | |
| | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Хадамоти муҳандисӣ* | *Этиёҷот* |
| *Маълумот пешниҳод нашудааст* | *Захираҳои мавҷуда* | |
| | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда*<br>*Маълумот пешниҳод нашудааст* | *Хадамоти таъминоти моддию техникӣ* | *Эҳтиёҷот* |
| | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда*<br>*Маълумот пешниҳод нашудааст* | *Хадамоти Ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ* | *Этиёҷот* |

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ**

# 6.1 Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии шаҳр

Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад.

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз 40 нафар (5 нафар зан) иборат мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ баргузор гардад. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои андоз ва боҷи маҳаллиро муайян, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 6 комиссияи доимӣ дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- оид ба масъалаҳои кишоварзӣ, муҳити зист, роҳ ва алоқа;
- оид ба маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг ва кор бо ҷавонон;
- оид ба нақшаю буҷет ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ;
- оид ба қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ;
- комиссияи мандатӣ.

Мутобиқи лимити муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматчиёни давлатии шаҳри Норак 59 воҳидҳои корӣ ҷудо гардидааст. Айни замон, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 54 нафар, ки 16 нафарашон занҳо мебошанд, фаъолият мекунанд. Ба 01.09.2014 беш аз 5 ҷойи кори холӣ мавҷуд аст, ки 2 нафар ба мақомоти иҷроия ва 3 нафар ба ҳар ду ҷамотҳои деҳот рост меоянд. Дар дастгоҳи раиси шаҳр бошад 15 нафар, ки 6 нафарашон зан аст, кор мекунанд

Иқтидори техникии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 44 компютер, 40 принтер ва 1 факс буда, норасогии техникӣ 15 компютер, 19 принтер ва 5 факс (бо назардошти ҷамоатҳои деҳот) - ро ташкил медиҳад.

## 6.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ

Маблағгузории «Барномаи рушди шаҳри Норак барои солҳои 2016-2020» аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;*
- *Қарзҳои бонкӣ;*

- *Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасмананд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасмананд.*

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир барои рушди ноҳия тавассути буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул ва ғайра маҳсуб меёбад. Аз ин бармеояд, ки дар шаҳр ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад. Таи солҳои 2011 – 2013 даромадҳои худии шаҳр ба ҳисоби миёна 79,7 %-и қисми харочоти буҷетро мепӯшонанд, ки дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад.

*Диаграммаи №1. Нақшаи даромад ва хароҷоти буҷети шаҳри Норак дар давоми солҳои 2011-2013 (ҳаз.сомонӣ)*




| | Даромадхои худӣ | Субвенсия | Маблағҳои гирифташуда аз ҳисоби буҷети ҷумхуриявӣ барои ҳисоббаробаркунӣ | Харочотхо |
|---|---|---|---|---|
| 2011 | 12960,1 | | 538,5 | 13338,0 |
| 2012 | 12682,7 | | 3768,8 | 15853,8 |
| 2013 | 15845,5 | 4575,4 | 838,8 | 21609,6 |

Дар сохтори қисмати даромадии буҷети шаҳр андози даромад аз шахсони воқеӣ, андози замин аз шахсони воқеӣ ва андоз аз арзиши иловашуда дорои аҳамияти бештаранд.

**Диаграммаи 2. Таҳлили қисми иҷроиши даромади буҷети шахри Норак аз рӯи солҳо** *(ҳаз.сомонӣ)*



| | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 10112,6 | 9011,1 | 1018,8 |
| Андоз аз фоидаи шахсони хуқуқӣ | 255,1 | 397,8 | 429,8 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 365,1 | 818,2 | 922,2 |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 1269,1 | 676,8 | |
| Андоз бо услуби соддакардашуда | 349,1 | 354,2 | 1299,7 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 125,0 | 141,2 | 502,1 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 348,1 | 342,3 | |
| Боҷи давлатӣ | 148,0 | 203,7 | 270,2 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 667,6 | 673,5 | 680,6 |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 357,5 | 532,6 | 1279,3 |
| Андози ягона | 90,6 | 93,7 | 922,2 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 95,4 | 151,0 | 222,2 |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 57,9 | 79,4 | |
| Андоз аз истифодабарандагони қаъри замин | 18,1 | 54,0 | 52,5 |
| Андози замин аз шахсони хуқуқӣ | 225,2 | 227,8 | |

Аз таҳлили дар диаграмма овардашуда маълум мегардад, ки маблағ ба қисми даромади буҷет бештар аз ҳисоби андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз бо услуби соддакардашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, боҷи давлатӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои наклиёт, андоз аз амволи ғайриманқул, андози ягона, дигар даромадҳои ғайриандозӣ, андози замин аз шахсони воқеӣ, андоз аз истифодабарандагони қаъри замин ва андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ ворид гардидааст.

**Диаграммаи №3. Сохтори қисми даромади буҷети шари Норак дар соли 2013**



***Диаграммаи №8. Иҷрои қисми даромади буҷети шаҳри Норак (ҳазор. сомонӣ)***




| | Ҷамъи даромадҳо | Маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ | Ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети вилоятӣ | Ҳисоббаробаркунӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ | Ҳамагӣ даромади буҷети маҳаллӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2011 | 13412,1 | | 452 | 538,5 | 13950,6 |
| Соли 2012 | 14331,7 | | 2213,1 | 3768,8 | 18100,5 |
| Соли 2013 | 15845,5 | 4575,4 | | 838,8 | 21259,7 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағҳои ҷудогардида аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таи солҳои 2011-2013 беш 9721,5 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин 4575,4 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок ва 5146,1 ҳазор сомонӣ ҳисоббаробаркуниҳо мебошад. Соли 2013 дар қиёс ба соли 2011 ҷамъи даромадҳо ба 18,1 фоиз, маблағҳои мақсаднок ба 100 фоиз, ҳисоббаробаркуниҳо ба 55,8 фоиз ва ҳамагӣ даромадҳо 52,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Буҷети шаҳри Норак хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Дар соли 2013 ба ҳисоби миёна ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 88,7 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ мутаносибан 58,8%, 25,8%,3,7% ва 0,4% -ро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи №4. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2013 (ба ҳисоби фоиз)**



Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷотҳои буҷети шаҳри Норак аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншоотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

***Диаграммаи №7. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2013(ба ҳисоби фоиз)***




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2013 беш аз 15707,4 ҳазор сомонӣ ва ё 72,1 фисади хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва таъмир равон кардашуда 2795,3 ҳаз.сомонӣ ва ё 12,8 фоизро ташкил медиҳад. Барои таъмини Барнома дар панҷ соли оянда фазои сармоягузориро дар шаҳр беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

## БОБИ 7.НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Норак низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гӯруҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори раиси шаҳр таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии шаҳр). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси шаҳр ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди шаҳр (БРШ) мудири бахши иқтисод шахси масъул таъйин карда мешавад.

Барои мониторинги Барномаи рушди шаҳр мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

– ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
– дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

*Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб»; «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».*

***Ҷадвали №1 Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Норак***

| *Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам аз 1 то 5)* | *Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз<br>б-кабуд<br>в-сурх<br>г-хокистарранг* |
|---|---|
| *1. Таҳия нашудааст<br>2. Мавриди таҳия қарор дорад<br>3. Таҳия шудааст<br>4. Мавриди амал қарор дорад<br>5. Амалӣ шудааст* | *(а) Ба нақша мувофиқ аст ё тамоюли назаррас надорад<br>(б) Тамоюли назаррас ба нақша<br>(в) Тамоюли қатъӣ ба нақша<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст.* |

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.